**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

# АФСОНА, СУРУДУ ТАРОНА, ТЕЗГӮЯК ВА ЧИСТОНҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ДАҲАНАКИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

(Роҳнамо барои волидайн, мураббиёни кӯдакони синни хурди томактабӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ)

**ДУШАНБЕ – 2016**

**ББК 82.3 (2 тоҷик) + 83.3 (2 тоҷик) + 838**
**Б-86**

**Мураттиб ва таҳиягар: Бозор Борон**

Бо қарори Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ таҳти № 4 ба чоп тавсия шудааст.

**Падарон, модарон, мураббияҳо ва омӯзгорони арҷманд!**

Шумо акнун аз мутолиаи ҷилди чоруми «Тазкираи адабиёти бачагон», ки он ба эҷодиёти даҳонакии халқамон бахшида шудааст, метавонед лаззати бадеӣ ва зебоӣ бардоред.

Дар китобчаи мазкур бо афсона, суруду тарона, бозиҳои тезгӯяк ва чистонҳои дилошӯб, ки халқи тоҷик дар тӯли солҳои зиёде ҳамчун гавҳари ноёб офаридааст, баҳравар мегардед. Ва мутмаинем, ки кӯдакони синни томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоиро низ бо ин намунаи жанрҳои адабӣ - бадеӣ аз наздик шинос менамоед, то ки хурдсолон ҳам аз ин дурдонаҳои офаридаи халқи хеш бохабар ва баҳравар гарданд.

**ДУШАНБЕ - 2016**

# ПЕШГУФТОР

Халқи тоҷик ҳанӯз  аз давраҳои қадим дар тарбияи фарзандони худ эҷодиёти бадеиро васеъ истифода карда омадаанд ва меоянд, то дар дили  бачагон ба воситаи каломи бадеъ ба зебоиҳои ҳаёт шавқу рағбат парваранд. Ҷиҳатҳои гуногуни моҳияти зиндагиро ба идроки онҳо расонанд. Ҳамчунин ҳиссу фикр, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии онҳоро вусъат диҳанд. Диққати бачаҳояшонро ба самтҳои муҳим ва самарабахши муносибатҳои одамӣ ҷалб  намоянд.

## 1

**Барои волидайн, мураббӣ ва омӯзгор**

Истифодаи сухани нафису мавзун – маҳсули эҷоди бисёр наслҳои гузашта ва имрӯза аз зодрӯзи кӯдак сар карда, дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаёти ӯ асрҳо инҷониб давом карда  омада истодааст.

Таваллуди кӯдак ба оила, хешу табор ва ёру дуст шодкомиҳо меоварад: ҳамдигарро табрик мегӯянд, ба хушхабар шодиёна медиҳанд, сурудхонию рақсу бозӣ барпо мегардад, баъд  ҳар сари чанд вақт  ба шукри серӯза, панҷрӯза, ҳафтрӯза, чилрӯза ва соҳибном шудани кӯдак маросимҳо барпо мкунанд. Дар рӯзҳои гаҳворабандон занҳо зиёфат ороста, дар ҳаққи бача суруд мехонанд:

*Бача, бача, ҷони бача,*
*Худо нигаҳбони бача,*
*Ҳар кас хӯрад оши бача,*
*Дуо кунад ҷони бача.*
*Шамсу қамару ситора*
*Ҳамеша ҳамроҳи бача.*

Ба  муносибати  ин маросимҳо ва ҳаракатҳои аввалини беихтиёри, кӯдак, мисли сарҷунбонӣ, қадаммонӣ, лелакбозӣ сурудҳо эҷод шудаанд, ки дар онҳо кӯдак бо меҳри зиёд навозиш меёбад. Масалан, вақте ки бори аввал «дада», «ата», «падар», «додо», «оча», «бибӣ, момо… ) мегӯяд, суханони зеринро мешунавад:

*«Дада», «дада!»*
*Ҷони дада!*
*Тарбузи гелони дада*
*Химчаи ларзони дада.*
*Танӯри тафсони дада,*
*Нахӯди бирёни дада,*
*Ғунчаи хандони дада…*

Сурудҳои дар навозиши кӯдак гуфташуда дар фолклори тоҷик мавқеи махсус доранд. Занон, модарон, хоҳарон, модаркалонҳо суруд хонда, кӯдаконро «алла» мегӯянд ва навозиш мекунанд. Бисёре аз аллаҳо ва сурудҳои навозиш бадеҳатан эҷод мешаванд, бинобар ин, баъзан нусхаҳои гуногун пайдо кардаанд.

Дар аллаҳои марбути замони гузашта вазъи ҳоли модарон , ғаму шодӣ ва ҳаяҷони дили онҳо изҳор шудааст, эътироз аз зиндагонии қашшоқона ва тақдири паст акс ёфтааст, нақше аз ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ мондааст.

Дар сурудҳои навозиш ва дӯстдорӣ ҳарчанд , ки онҳо шоду масрур кардани бачаро дар уҳда доранд, рози дили калонсолон, орзуву умедҳои ширини онҳо акс меёбад. Ин сурудҳо ҳаҷман хурданд, вазни сабук ва хушоҳанг доранд, тавсифу ташбеҳ  ва истиораҳои дилчаспро дар бар мегиранд.

*Ҳамту писар кӣ дорад?*
*Подшоҳ ба тахт надорад.*
*Вазири вақт надорад.*
*Муфтӣ аълам надорад,*
*Муфтӣ аълам надорад!*
*Қозӣ, аъзам надорад!*

**Луғат:**

**Аълам** арабӣ китобӣ

1. олимтар, донишмадтар; олими калон.
2. таърихӣ дар аморати Бухоро, мансабе буд, ки ба калонтарини муллоҳо дода мешуд.

**Аъзам-** азимтар, калонтар, сарвазир.

**Қозӣ-** 1. арабӣ китобӣ ҳукумбароранда
2. таърихӣ мансабдори шаръӣ дар аморати Бухоро.
**Муфтӣ1.** мансуб ба муфт, ройгон, бепул.
2 а. динӣ. мансаби олии динӣ дар Тоҷикистон,
Муфтии мусулмонони Тоҷикистон

*Духтар дорам гул барин,*
*Мурчу қаламфур барин,*
*Пиёзи анзур барин,*
*Себи Самарқанд барин,*
*Анори тошканд барин!*

Баъд падару модар, бобою модаркалон, хоҳару додарон ба кӯдакон суруд ёд медиҳанд. Ин сурудҳо дар бораи худи бачагон, падару бобоён, дар бораи табиат, парандагон, растаниҳо, офтобу моҳ, ситораҳо ва монанди инҳоянд.

Дар онҳо осори ақидаҳои анимистӣ – як навъи тафаккури ибтидоӣ, ки аз рӯйи он тамоми чизҳои дунё ҷондор пиндошта мешуданд ва тотемизм – ақидаи одамони ибтидоӣ, ки аз рӯйи он инсон бо ҳайвонот, парандагон ва растаниҳо хеш дониста мешуд, падидор аст. Бачагон моҳи дурахшоро дида, шодикунон суруд мехонанд:

*Моҳмомо кулча те!*
*Апачамба бача те.*

Ба офтоб рӯ оварда, аз он хоҳиш мекунанд, ки ба бачагон зебоӣ ва нуру сафо бахшад:

*Офтоб баро ба рӯям,*
*Нуқрапӯпак ба мӯям,*

*Ҳалқаи зар ба гӯшам,*
*Кӯҳна шавад, фурӯшам.*

Мусичаро дар лаби бом дида, покӣ ва бегуноҳии онро таъкид карда, ба воситаи суруд дар ҳаққи он изҳори ғамхорӣ мекунанд:

*Мусичаи бегуноҳ,*
*Болои сандалӣ баро,*
*Аз нӯлакат муччӣ кунам,*
*Аз думакат қайчӣ кунам.*

Сурудҳои мансуби табиат ва ҷонварон бачагонро бо табиат ва олами ҷонварон шиносо месозанд. Ба инкишофи тасаввур ва дониши онҳо ёрӣ мерасонанд. Зимнан бояд илова кард, ки ин қисми фолклори бачагон дар асоси таҷрибаи зиндагӣ ва мушоҳидаҳои дақиқу амиқи мардум эҷод шудаанд. Дар сурудҳо, агарчи ба шакли одӣ бошад ҳам, муносибати одамон ба ҳодисаҳо, ашёҳои табиат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ тасвири худро ёфтааст.

Дар поёни зимистон , ҳамин ки ба замин нафаси гармӣ расида, барф об мешавад, дар дашту теппаҳо гули зардак ё сияҳгӯш мерӯяд. Бачаҳо чида, гулдаста баста, сурудхонон ба мардум аз баҳор мужда мерасонанд.Омадани турна низ аз расидани баҳор дарак медиҳад:

*Турна қатор меояд,*
*Арғамчинвор меояд.*
*Вақти баҳор меояд,*
*Мавсими кор меояд…*

Дар бораи баҳор, борони баҳорӣ, иди қадимии мардуми тоҷик – Наврӯз, ки ба муносибати оғоз ёфтани Соли нав (21 март) баргузор мешуду мардуми шодмон ба дашту ҷойҳои сабзазор баромада, гӯштингирӣ, бузкашӣ, рақсу бозӣ ташкил мекарданд, ҳар гуна сурудҳои бачагона вуҷуд дорад, ки яке бо номи «Баҳори лолазор омад» машҳур аст. Дар ин суруд манзараи аз нав зинда шудани табиат, қолини сабз пӯшидан ва ба гулзор табдил ёфтани

дашту дара, доманаҳои кӯҳҳои осмонбӯс, талу теппа, боғу ҳавлиҳо тасвир шудааст.

Мардум ба муносибати Наврӯз ҳамдигарро табрик мегӯянд ва орзу мекунанд,  ки баҳор муътадил шавад, бориш аз ҳад нагузарад ва кам ҳам нашавад. Дар гузашта ризқи мардум ба ҳиммати баҳор вобаста буд. «Соле, ки накӯст, аз баҳораш маълум» - ин зарбулмасали халқ бесабаб эҷод  нашудааст. Борони баҳорӣ, ки ба зиндагӣ на танҳо файзу тароват, балки баракат ҳам меоварад, дар сурудҳои халқӣ «дӯсти меҳрубон» номида шудааст.

Бисёр сурудҳои бачагон мансуби айёми тобиистон, тирамоҳ ва зимистон   ба ҳайвонот, парандагон, ҳашарот бахшида шудаанд. Дар онҳо аз шиносоӣ бо аҷоиботи олами беруна ба ҳаяҷон ва ба ваҷҳ омадани хурдсолон ифода гардидааст.

Назми халқии бачагон силсилаи сурудҳоеро дар бар мегирад, ки бо ягон маросим, урфу одат ва ё фаслҳои сол вобастагӣ надоранд ва лавҳаҳои ҷудогонаи ҳаёти маишӣ, осори воқеаҳои таърихиро дар бар мегиранд.

Духтараке аз бечорагии худ ва беқадрии меҳнаташ шикоят мекунад:

*Чарх мересам дар айвон,*
*Пул мекунам ба алвон.*
*Алвон ба ман чӣ кора,*
*Ман духтари бечора.*

Дар суруди дигар, ки вақти иҷрои он духтаракон ду дасти  ҳамдигарро маҳкам дошта ва худро ба ақиб кашида, гирд мегарданд, ҳайрати таҳсиномези мардум аз рафтори духтаре ифода шудааст, ки ба тақдираш тан надода, ба душманони асоратовари худ зарба заадааст.

Дар байни бачагон суруде низ паҳн шудааст ки дар он духтареро аз сари чашма дуздида, ба шавҳари бегона бурда фурӯхтани роҳзанон тасвир ёфтааст.

Яке аз сурудҳои халқӣ, ки «Биё, баҳор!» ном дорад, бачагонро бо рафти кор шиносо менамояд. Завқи бачагон

ба ханда, ба ҳазлу шӯхӣ зиёдаст. Онҳо шӯхиомез ва дилсофона ба феълу атвор ва намуди ҳамдигар механданд ва инчунин ягон рафтори номақбули калонсолонро ҳаҷв мекунанд:

*Амакам – бенамакам,*
*Як парча нони гармакам!*

* * *

*Вой дастам, вой дастам,*
*Зани амаки мастам,*
*Санг катӣ зад ба дастам,*
*Вой дастам, вой дастам!*

Хулоса, шеър дар ҳаёти маънавии бачагон мавқеи муҳим дошт ва дорад. Мардум дараҷаи фаҳмиш ва имконияти дарккунии бачаро ба эътибор гирифта, сурудҳое эҷод кардаанд, ки бачагонро ба шавқ меоваранд, ба онҳо лаззати бадеӣ мебахшанд ва мароқи онҳоро ба нафосати сухан ва зебоии ҳаёт афзун мегардонанд.

## 2. СУРУДУ АФСОНАҲО

Суруд дар аксари афсонаҳои халқии бачагона нақши калон мебозад.

Бибигамбусак, ки ошнокобӣ меравад, дар роҳ қурбоққаро дучор мешавад. Қурбоққа ба гамбусак таклиф мекунад, ки дӯсти ӯ шавад.

Гамбусак мегӯяд, ки агар бо ягон сабабе аз ман қаҳрӣ шавӣ, чӣ кор мекунӣ?

- Қаҳрам биёд, - гуфтааст қурбоққа, - чашмонамро ало карда, аз поят кашида ба об мепартоям. Бибигамбусак дар ҷавоб шеър мегӯяд:

*Озорам ман, безорам,*
*Тоқати ин надорам.*

Баъди ҷустуҷӯ Гамбусак бо муш ошно мешавад.

Баъд мушак ҳар боре ки ба хонааш бармегардад, ба унвони дӯсташ шеър мегӯяд:

*Мағзу мавиз овардам,*
*Ҳар чӣ, лазиз овардам.*
*Тезтар ин ҷо бароед,*
*Дарро ба ман кушоед!*

Духтари мири мушон рашк карда, гамбусакро ба об мепартояд.

Гамбусак аз даруни об ба раҳгузарон бо шеър муроҷиат мекунад. Мушак ба сари ҷӯй меояд ва гуфтугӯи ӯ бо гамбусак бо шеър давом мекунад.

Суруд дар банду баст ва мундариҷаи дигар як афсонаи машҳури халқӣ низ аҳамияти дараҷаи аввал пайдо кардааст. Ба воситаи суруд бузу гӯсфанду гӯсола аз гургон халос мешаванд. Онҳо ҳамсафар шуда, дар як маҳал пӯсти гургро, ки дар роҳ ёфта буданд, ба назди остона андохта, ба сифати меҳмони нохонда ба хонаи гургон даромада мемонанд.

Вазъият душвор - онҳо ба дасти гургон афтоданд. Гургҳо шодӣ мекунанд ва бо навбат суруд мехонанд. Ҳар кадом дар суруди худ ба хӯрдани кадом «меҳмон» майл доштанашонро баён мекунанд.

Баъд буз, гӯсфанд ва гӯсола ба сурудхонӣ навбат гирифта, бо тантана эълон мекунанд, ки онҳо кушандаи гургонанд. Гургҳо трсида гурехта мераванд.

Бисёр афсонаҳои бачагонаи дар бораи ҷонварон, ҳамин хел бо сурудҳо фаро гирифта шудаанд.

Дар байни афсонаҳои сеҳрангез низ афсонаҳои суруддор мушоҳида мешаванд. Яке аз ин қабил афсонаҳо, ки «Булбулаки саргашта» ном дорад, осори ақидахои давраҳои бисёр қадимаро дар хусуси гӯё баъди марг ба ҷонваре табдил ёфйтани инсон дар бар кардааст. Духтарак устухонҳои додараки гургхӯрдаашро ҷамъ карда, ба халтача андохта, ба шохи дарахт овехта мемонад. Устухон

ба булбул табдил ёфта, ба аз кирдори падар ва модарандари сабабгори марги ӯ шудааш суруд мехонад:

*Аз барои моиндар,*
*Моиндараки бадқаҳр,*
*Падарам маро ронда,*
*Гургаке маро хӯрда.*
*Ҷон хоҳари дилсӯхта,*
*Устухонамро чида,*
*Дар кадуча андохта,*
*Шохи чинор овехта.*
*Ман булбули саргашта,*
*Дар кӯҳу даман гашта.*

Дар яке аз машҳуртарин афсонаҳои бачагона «Бузаки ҷингилапо» гуфтугӯи байни бузу саг, бузу шағол ва бузу гург фақат бо шеър давом мекунад.

20 фоизи бештар аз 200 хели афсонаҳои оид ба ҳайвонотро афсонаҳое  ташкил медиҳанд, ки дар шеър бунёд ёфтаанд. Мардум ба воситаи ин қабил афсонаҳо ба сухани манзум , ба шеър шавқи бачагонро тарбия кардаанд, оҳанги гуворо ва муносибати нафиси суханро дар хотири онҳо нишондаанд.

Мақоми назм дар афсонаҳои  бачагона аз ҳамин ҳам равшан ба назар мерасад, ки аксари афсонаҳо сарахбори манзум –сарафсона доранд. Сарафсонаҳо бо мақсади ба шунидани афсона омода кардани одамон гуфта мешаванд.

Бисёр сарафсонаҳо дар байни бачагон чун сурудҳои мустақил низ интишор ёфтаанд. Илова бар ин, бояд гуфт, ки байни бачагон баъзе афсонаҳо дар шакли назм паҳн шудаанд. Монанди «Чӣ газид?», «Мурғак», «Ӯҳу, ӯҳу».

Манзумаи «Чӣ газид?» байни бачагон дар шакли бозӣ ҳам машҳур шудааст. Як бачаро гӯё  «ору мегазад». Бача «вой-вой» гӯён садо мебарорад. Дигарон ӯро миёнагир мекунанд ва савол медиҳанд: - Чӣ газид? Бачаи «ору газид» бо имову ишора ҷавоб мегардонад:

*- Э кошкӣ гунда мегазид,*
*Болои кунда мегазид,*
*Э вой, мана дупар газид!*

Барои бачаҳо гуфтан ва шунидани афсона, суруду тарона ва чистону тезгӯяк мисли бозии пуршавқ аст. Онҳо одатан асарҳои манзуми халқиро месароянд ва бозикунон бо ҳаракатҳои гуногун иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, ҳаёти бачагонро бидуни олами бозию бозичаҳо тасаввур кардан душвор аст.

Бозӣ дар ҳар навъу мазмун ва шаклу мундариҷа нишонаҳои аввалини фаъолияти бошуурона ва инчунин фаъолияти ҷамъиятии кӯдак ба шумор меравад. Кор, хизмат ва фаъолият барои одами калонсол чӣ қадаре ки аҳамият дошта бошад, бозӣ дар ҳаёти бача ҳамон қадар аҳамият дорад.

Бача дар бозӣ чи хеле, ки бошад, ҳангоми калон шуданаш, дар кор низ бисёртар ҳамон хел мешавад.

Бинобар ин, тарбияи коркуни оянда пеш аз ҳама ҳангоми бозӣ ба амал меояд.

Ин гуфтаҳо тасдиқ мекунанд, ки бозӣ мисли дарсест, ки аз он бачагон дарсе меомӯзанд, ба чизе омил ва омода мешаванд.

Дар давоми асрҳо бозиҳои зиёде эҷод шудаанд, ки ҳар кадоме қоида, тартиб ва мавриду низоми нонавишта доранд ва шавқманд ва шавқмандони бозӣ онҳоро бо тафсилоташон меомӯхтанд ва аз худ мекарданд.

Бозиҳо ба синну соли онҳо мутобиқат мекунанд. Бозиҳои бачагони якуним-дусола бо иштироки фаъолонаи калонсолон мегузаранд. Масалан, дар бозии машҳури «Ҳавзак – ҳавзак» калонсоле дасти кӯдакро гирифта, ба ангушти ишоратии дасти дигар аввал кафи кӯдакро нишон медиҳад ва баъд ангуштҳои ӯро як- як қат карда, суруд мегӯяд ва ба ин восита бачаро ба завқ меоварад:

*Ҳавзак, ҳавзак,*
*Гирдаш сабзак-*

*Ору биёд, об хӯрад,*
*Оҳу биёд, об хӯрад.*
*Ин гов кушад,*
*Ин пӯст канад,*
*Ин пазаду соз кунад,*
*Ин хӯраду ноз кунад.*
Ин майдаяк куҷо буд, ки шӯрбо нарасид?!
*Чулулу,*
*Барги каду!*

Ин навъ бозиҳоро бачаҳо зуд ба хотир мегиранд ва мекӯшанд, ки бе иштироки калонсолон мустақилона иҷро кунанд.

Бозиҳои бачагони панҷ – ҳафтсола нисбатан мураккабанд ва одатан сужетдоранд ва хусусияти дастаҷамъӣ ба худ мегиранд. Чунончи, ҳамаи иштирокчиёни «Духтурбозӣ» аввал нақшҳои худро аниқ мекунанд, яъне яке духтур, дигаре бемор, сеюмӣ ронандаи мошини ёрии таъҷилӣ ва чаҳорум модари бемор мешавад. Дар бозиҳои «Сӯзани тилло», «Лелак лелаки боқӣ», «Тапар – тапар» ва монанди инҳо низ пеш аз шуруъшвии онҳо сармирҳо, яъне сардорони бозӣ, вазифаи ҳар як бозигарро муайян мекунанд.

Бачаҳои ин синну сол шарту қоидаи ин бозиро хуб меомӯзанд. Агар ягон бача қоидаи бозиро вайрон кунад, ё надонад, ӯро аз бозӣ меронанд.

Дар бозӣ нақши худро хуб иҷро кардан бачаро шодмон мекунад, ки аз иҷрои амале баромада метавонад ва аз ин қонеъ ва хушнуд мегардад.

Бача маҳз бо тавассути бозӣ бисёр ҷиҳатҳои зиндагиро дарк мекунад.

Бозӣ шуури ӯро инкишоф медиҳад ва малакаи мустақилона фикр карданро ҳосил мекунонад. Бозии хуб ба инкишофи ҳисси рафоқат, дӯстӣ, ҳушёрӣ, зиндадилии бача ёрӣ мерасонад.

## 3. БОЗИҲО БО ШЕЪРУ ШУМУРАК

Бисёр бозиҳо бо шумурак шуруъ мешаванд ва аз он ҳусн мегиранд. Ба воситаи шумурак бачаҳо сармир таъин мекунанд ва бозигари сари пилла (маррачой) – ро муайян месозанд. Шумуракҳо ҳаҷман ва шаклан гуногунанд. Аксар аз мисраҳои кӯтоҳи қофиядор таркиб ёфтаанд ва дар онҳо суханбозӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Масалан:

*Чору чанбар,*
*Беду анбар,*
*Ин духтарак аз куҷо?*

*Аз кӯҳи ало – було!*
*Ту бишину ту баро!*

Умуман, бозиҳои бачагона бо шеъру шумурак, муколамаи қофиядору суханони мавзуну образнок фаро гирифта мешаванд ва аз ин рӯ, мавқеи онҳо дар тарбияи эстетикии хурдтаракон хурд нест.

## 4. ЧИСТОН

Дар ҳаёти маънавии бачагон чистонгӯӣ ва чистонёбӣ мавқеи калон дорад. Чистонҳои зиёде мавҷуданд, ки эҷодкунандагони онҳо одамони мушоҳидакор, нозукбин ва хушзеҳн будаанд. Ба олам бо назари дақиқ чашм андохта, аниқтарин аломат ва хислатҳои ҳодиса ва ашёро муқаррар намудаанд.

Ҳар як чистони хуб асари мукаммал аст. Дар қолиби шеъри равону салис ва ё насри мусаҷҷаи хушоҳанг эҷод гардидааст. Бачагон дар мавриди мувофиқ ба чистонгӯӣ ва чистонёбӣ машғул мешаванд. Яке чистон мегӯяд, дигарон бояд ҷавобашро ёбанд. Ёбанда таъриф мешунавад, таърифи ҳазломез: «дег ба сарат тағора». Ин ибора чӣ маънӣ дорад, маълум нест. Мумкин ҳама гап дар ҳамин набудани маъно бошад.

Ин ҳазл аст, бозӣ аст. Бачагон ба бемантиқӣ хандида шӯхӣ мекунанд.

Корней Чуковский яқинан чунин ҳодисаро дар назар дошта, дар китоби машҳури худ «Аз ду то панҷ» қайд кардааст, ки кӯдакро ин қабил калимаҳои маъноияшон норавшан ва суханони ғайриоддӣ ба ваҷд меоварад.

Бачагон ҳатто дар давоми чистонгӯӣ шӯхӣ ва шодмонӣ мекунанд.

Агар чистон душвор бошад, гӯяндаро саволборон мекунанд:

- Ҷондор аст ё беҷон?
- Ҳалол аст ё ҳаром?
- Дар ҳамин атроф аст ё не?
- Хурд аст ё калон?

Аммо саволҳо аломатҳои асосӣ ва бевоситаи ашё (предмет) - ро дар бар намегиранд. Бачагон бояд фикр кунанд, тамоми донишу фаҳмиши худро ба кор андозанд.

Агар ҷавоби чистонро наёбанд, гӯянда чизе талаб мекунад: шаҳр, деҳа, боғ, дарахт ва монанди инҳо. Вале бачаҳо ба додани ин чизҳо розӣ намешаванд, гӯё чизи бисёр зарур, қимат ва азизашонро аз даст медода бошанд. Аммо дар ин ҳолат маҷбур мешаванд, ки чизе ваъда кунанд вабачагон ҷавобро шунида, ба ҳоли худ механданд: ҳамин чизи оддӣ ба хотирашон нарасид – е!

Дар воқеъ, агар ёфтани чистон осон мебуд, аҳамияти ин бозии бисёр осон ва шавқовар кам мешуд ва дар сари масъалаи додан ё надодани чизе  талош карда нишастан зарур намегардид.

Дар фолклоршиносӣ сабаби ваъда кардани шаҳре, деҳае, умуман молу мулк аз тарафи онҳое, ки ба чистонёбӣ ширкат мекунанд, муайян шудааст.

Дар гузашта дар доираи ҳокимони мамлакатҳо маҷлиси  чистонгӯию чистонёбӣ барпо мешудааст. Аммо ин барои ҳокимон бозӣ набудааст. Агар як ҳоким мулзам (мағлуб) шавад, ба ҳокими дигар аз молу мулкаш чизе медодааст.

Барои бачагон бошад, чунин доду гирифт шартист ва танҳо ба шавқовар шудани бозӣ мусоидат мекунад.

Ёфтани ҷавоби баъзе чистонҳо, умуман душвор аст. Дар онҳо фақат рангу бӯ, сахтию нармӣ, шаклу сохт, вазифа, садо, вазъияту мавқеъ, миқдори ашёву ҳодиса не, балки хислату рафтори гуворои он қайд мешавад. Ҳушёрӣ, тарсончакӣ ва դуздтабиатии муш ва зарарнокии он дар як чистони машҳур бо надомат хотирнишон шудааст:

*Талап – талапи по шуд,*
*Падарлаънат куҷо шуд?!*

Асбоби дигареро, ки инсон барои осон шудани кори худ ихтироъ кардааст, «чигина» меноманд. Онро дар шроити пасту баланди кӯҳсор ҷуфти гов ё асп мекашад.

Мардум дар эҷоди чистони оид ба чигина муболиға ба кор бурдаанд садояшро ба раъду барқ ташбеҳ додаанд. Чор чӯбе, росте, ки дар чор кунҷаш барои нигоҳ доштани бор устувар карда шудааст, найза номидаанд. Бо чигина одатан дарзаи гандум мекашанд ва дар чистон хӯшаҳои пурбор табақи тилло ном гирифтааст:

*Осмони ғурогур,*
*Чор найзаву ду айғур.*
*Болораву хамикаш,*
*Табақи тилло таи каш.*

Дар чистони дигаре, ки бо ҳамин навъ шаклу муболиға ҳайвони ба рӯзгори мардум бисёр лозим - модагов тасвир шудааст. Аз ин тасвир сурату сирати як ҷондори аҷиб ба ҷилва меояд:

*Дуто дорад - осмонкӯб,*
*Якто дорад - заминрӯб,*
*Чорта дорад - рӯғанӣ,*
*Чорта дорад - заминкӯб.*

Дар чистонҳои халқии тоҷикӣ ҳамаи ҳамон хусусиятҳое ба назар мерасанд, ки чистонҳои халқҳои дигар дар бар кардаанд. Як гурӯҳ чистонҳо дар нақшҳои садоӣ бунёд шудаанд. Онҳо садои дар, камон, табар, соат,

садои пой, даст, шамол, асбобҳои рӯзгору хоҷагӣ ва монанди инҳоро акс мекунанд. Рӯзона бисёр такрор шудани садои дар ва шабона як бор садо дода, то саҳар хомӯш мондани он дар чистони зерин басо диққатангез тасвир шудааст ва такрори овозҳои (ш, а, п, б) ба чистон оҳанги хос ва гӯшнавоз ато кардааст:

*Рӯз – шап,шап,*
*Шаб – як шап.*

Дар як гурӯҳ чистонҳо фақат ранг тасвир мешавад:

*Зард асту зардолу не,*
*Сафеду шафтолу не*

***(Тухм)***

Гурӯҳи чистонҳое, ки «арифметикӣ» ном гирифтаанд, асарҳоеро дар бар мегиранд, ки заковатмандона ва моҳиронаанд. Дар онҳо ҳар рақам аҳамияти махсус пайдо мекунад ва ҳусне ба вуҷуд меоварад. Ана як намунаи ин қабил рақамҳо:

*Аҷоиб як дарахт дидам дар ин боғ,*
*Ки як тан дораду дувоздаҳ шох.*
*Ба ҳар шохаш он сад барг дорад,*
*Сафед як рӯ, сияҳ рӯйи дигар дорад.*

***(Сол, моҳ, рӯз, шаб)***

Чистонҳо бо зиндагӣ, ҳаёти маънавии маишӣ ва таърихии халқ робитаи узвӣ доштани фолклорро собит (исбот) мекунанд. Онҳо маҳсули зиракӣ, мушоҳидакорӣ ва фаросати халқанд. Чистонҳо дар муайян намудани шабоҳат (монандӣ) ва ҳамрангии чизҳо ва ҳодисаҳои олами беруна, хусусиятҳои хос ва фарқҳои онҳо зеҳни комил ба кор андохтани мардумро нишон медиҳанд. Дар як чистони машҳур шабоҳати узвҳои ҷондоре бо узвҳои як қатор ҷонварони дигар бо оҳанги пуртантанаву муболиғаомез зикр мешавад:

*Як саволе аз ту дорам, эй рафиқи боҳунар,*
*Дар биёбоне бидидам як аҷоиб ҷонвар.*
*Морчашму мӯрпо, лайлакпару аждаршикам,*
*Ноқазону, филгардан, шерсина, аспсар.*

***(Малах)***

***Луғат:*** Ноқа-а. китобӣ уштури мода.

Ҳар сифатеро, ки дар чистони халқӣ тасвир ё ишора мешавад, ба хубӣ тасаввур кардан мумкин аст, зеро дар он акси табиат, зиндагӣ, муҳити мушоҳидашаванда вуҷуд дорад.

Осмон ва сайёраҳое, ки ба назар мерасанд, табиат, парандаю ҳашарот, растаниҳо, инсон ва узвҳои он, ашёҳои рӯзгор, олами меҳнат, техника ва бисёр чизҳои мансуби маориф, маданият (фарҳанг), илм ва амсоли инҳо мавзӯи чистонҳо қарор гирифтаанд.

Дар чистонҳое, ки фоклоршиносони тоҷик аз забони мардум навиштаанд, чизҳое тасвир шудаанд, ки кайҳо аз истеъмол баромада, ба таърихи гузашта тааллуқ доранд ва ҷавоби онҳо шарҳу баён металабад.

Яке аз ин чизҳо ҳаллоҷӣ ё чархи ресмонресист. Ҳаллоҷӣ (ихтирои халқи тоҷик) асбоби дастие буд, ки мардум барои аз пахта (пунба) ҷудо кардани чигит истифода мебурданд. Одамон дар бораи он чистонҳои зебое бофтаанд ва ба ҳусни хоси табиати сарзамини зебои худ ишора кардаанд:

*Сари кӯҳи белона,*
*Як сӯ барф, як сӯ жола.*

Дар айни замон бисёр чистонҳои нав эҷод шудаанд, ки ба ҳодисаҳои имрӯза дахл доранд. Дар баъзе чистонҳо аҳамияти ин ҳодисаҳо дар пешрафти ҳаёт таъкид мешавад. Қатора (поезд) зиндагии мардумро нисбатан осон кард ва инро мардум бо хурсандӣ васф кардаанд:

*Аз ин ҷо то Ҳисор,*
*Метозад қатор - қатор.*

*

*Ҳазорто буд, ҷондор буд,*
*Борҳошон як ҳазор буд,*
*Ҳафто беҷон қатор шуд,*
*Борҳошон ҳафт ҳазор шуд.*

Дар ин қабил чистонҳо одатан санъати инкор ба кор бурда мешавад ва ба воситаи ин санъат бартарии нав ба

кӯҳна бо қаноатмандӣ қайд мешавад: кори ҳазор шутурро мекунад, аммо худ шутур нест; аз асп ҷафокортар аст, аммо ҷаву алаф намехӯрад, мисли фил бор мекашад, аммо на паранда аст, на даранда ва на аспи даванд:

*Об мехӯрад, дарранда нест,*
*Лаҷом дорад, чаранда нест.*
*Бор мекашад мисоли фил,*
*Тез меравад, паранда нест.*

***(Автомашина)***

Мардум ба воситаи чистонҳо дар бораи чизҳои муҳим ва ҳодисаҳои диққатангез изҳори ақида кардаанд. Алалхусус дар бораи хусусияти аҷиби қалам, китоб, илм чистонҳои дилчасп офаридаанд:

*Як парча фатир доштем,*
*Тухми сиёҳ коштем.*
*Ба чашми худ бидидем,*
*Бо ақли худ шинохтем.*

***(Китоб)***

Илм дар чистони халқӣ ҳамчун гули бехори ба ҳама даркор тасвир шудааст:

*Гуле дидам, ки он бехор бошад,*
*На дар дашту на дар бозор бошад.*
*На кас ӯро харад, на кас фӯрӯшад,*
*Ҳамеша бар сараш бозор бошад.*

***(Илм)***

Чистон ба воситаи бисёр ин қабил фазилатҳои худ ба адабиёти бачагонаи тоҷик дохил шуд ва дар он мавқеи хосе ишғол намуд.

## 5. БОЗИИ «ТЕЗГӮЯК»

Як ҷузъи муҳими фолклори бачагон аз тезгӯяк иборат аст. Гуфтану шунидани ин қабил асарҳо чистонгӯгйиро ба хотир меоварад. Бачае ягон тезгӯяк мегӯяд ва дигарон кӯшиш мекунанд, ки онро тез ва равону бурро такрор кунанд. Бачае, ки ин корро хуб иҷро менамояд, ҳуқуқи тезгӯяк гуфтан пайдо мекунад.

Ин машғулият баъзан ба бозии доманадоре табдил меёбад. Бачаҳо як нафарро сармир (ҳоким) ва дигареро котиб (иҷрокунандаи ҳукм) интихоб мекунанд. «Ҳоким» мефармояд, ки тезгӯкро се карат такрор кунанд. Ӯ номи яке аз бозигаронро мегирад:

- Ҳасанҷон!

-Лаббай!

- Лабатон ба шакар, ҳам қанд хӯред, ҳам асал!

Шаб ба як шамшер сӣ сар шикаст.

Ҳасанҷон бояд фавран тезгӯяки мазкурро ба забон оварад. Агар се бор хуб баён кунад, «котиб» «ғолиб», ғолиб» мегӯяд, баръакси ҳол ӯ ҷазо мебинад: яъне бо фармони «ҳоким» ё суруд мехонад, ё мерақсад ва ё ба масофаи муайян медавад, ба шарте ки бачаҳо берун аз синф ё гурӯҳ машғулият гузаронанд.

Дар байни бачагон тезгӯякҳое паҳн шудаанд, ки асосан дар рӯзҳои мо ба вуҷуд омадаанд. Қисме аз ин тезгӯякҳо ба қалами шоирон Убайд Раҷаб, Наримон Бақозода, Нуъмон Розиқ ва дигар эҷодкорон тааллуқ доранд.

Тезгӯякҳо зимнан аҳамияти таълимӣ доранд. Бачаҳо ин асарҳои хурди фолклориро такрор ва ё ҳифз карда, талаффузи бурреи ҳарфу овозҳо (фонемаҳо), калима ва ибораҳои мураккабро ёд мегиранд. Ба ғайр аз ин, ба дуруст гузоштани задаи мантиқӣ, риояи оҳаги сухан малака ва маҳорат ҳосил мекунанд.

Нодуруст талаффуз кардани ҳарфу калима ва дар ҷояш нагузоштани задаи мантиқӣ, маънои тезгӯякро дигар мекунад ва боиси ханда мешавад.

Собит шудааст, ки тезгӯякгӯйӣ барои инкиишофи узвҳои нафасгирии бачаҳо низ мусоидат мекунад.

## ХУЛОСАИ ЖАНРИ АФСОНА

Афсона дар ҳаёти бачагони халқи тоҷик аз замонҳои қадим нақше гузошта омадааст. Аз рӯйи кор , аҷдодони мо, мисли ҳамаи халқҳои ҷаҳон , манфиатҳои маънавии афсонаҳоро дар тарбияи фарзанд фаҳмида будаанд, ки

онҳоро дар як китоб гирд оварда, «Ҳазор афсона» номидаанд. «Ҳазор афсона» яке аз қадимтарин китоби афсонаҳои халқист. Баъдтар дар асоси ин қабил (гуна) афсонаҳо, «Ҳазору як шаб» барин маҷмӯаи ҷаҳоншумули нақлу афсонаҳо ба вуҷуд омад.

Падару модар ва модаркалону бобоён дар ҳама замон ба воситаи афсонаҳое , ки дар онҳо ҷонварон амал мекунанд, ба бачагон тарзи зиндагиро меомӯхтанд. Агар гунҷишкаки танбал дар сари вақт аз меҳнат нагурехта, барои худ хонаи мустаҳкаме месохт, дар зимистон хору зор ва нобуд намешуд («Гунҷишкаки гапнодаро»).

Афсонаҳо хурдтараконро бо ҷараёни меҳнат шинос мекунанд.

Пахтаро аввал ресмон мекунанд (одамони махсус ба ин кор машғул мешаванд), ресмонро аввал пеши бофанда мебаранд. Бофандагон аз он матоъ тайёр мекунанд, матоъро мебурранд, дӯзанда медӯзад. Гунҷишкак аз он куртаи оҳарӣ дӯзонда, пӯшида, зебо мешавад. «Ба замин палосу ба одам либос» гуфта шудааст, дар зарбулмасали халқӣ. Гунҷишкак дар либоси нав худро ба домодии подшоҳ сазовор дида, азми қатъӣ пайдо мекунад ва аз сар ба сар шудан ба подшоҳ наметарсад («Гунҷишкак»).

Дар афсонаҳои тоҷикӣ тасаввуроти қадимии мардумони эроннажод

Дар бораи мутассил зидди якдигар амал кардани ду қувва, ки яке - Ҳурмуз – Худои некӣ ва дигар ном Аҳриман – Худои бадиро ба худ гирифтааст, осори равшан дорад. Дар онҳо бадӣ дар симои гурги хунхор, деви одамхӯр , подшоҳи золим, вазири бадхоҳ, рӯбоҳи маккор, мори заҳрдор, фили бераҳм ва ғайра, некӣ дар симои писари камбағал, кали айёр, парӣ, духтари донишманду ҷасур, писаракони чаққону ҳушёр ва монанди онҳо муҷассам мешавад. Бисёр афсонаҳо дар муборизаи ин ду қувва бунёд шудаанд.

Афсонаҳо ҳақиқати зиндгиро ба шуури бачагон мерасонанд. Дар як гурӯҳ афсонаҳо , занҳое тасвир

мегарданд, ки бо ақли расо, ҳунару ҷасорати худ ба мардон бартарӣ доштани худро исбот менамоянд. . .

Духтари хурдӣ ба ватани девҳо рафта, бо машаққати зиёд доруи ноёб ба даст меоварад. Аз он дору чашми нобинои падараш бино мешавад

(«Духтари ҷасур»). Духтари дигар ба воситаи зеҳну фаросоти баркамоли худ подшоҳи бераҳмро мағлуб ва мутеи худ мегардонад

(«Духтари оҳангар»).

Инсонро ҳамеша ва дар ҳама ҷо азми қатӣ лозим аст. Агар ӯ мақсади наҷибе пеши худ гузошта бошад ва ё ӯро иҷраи кори неке ба уҳда афтад, собитқадамиро аз даст надиҳад.

Қаҳрамонони афсонаҳои халқӣ аз паси чизҳои ба инсон зарур ба ҷойҳои дур сафар мекунанд, азоб мекашанд, қариб, ки нобуд мешаванд, вале ақибнишинӣ намекунанд. Дев ба дастаи алав мубаддал шуда, тойҳои навзоди аспи парандаро туздида меравад. Аҳмадпҳлавон ба ҷустуҷӯи дев рафта мамониатҳои зиёдеро паси сар карда, ӯро ҷазо медиҳад ва тойҳоро бармегардонад («Аҳмадпаҳлавон»). Аҳмад-паҳлавон барин афсонаҳо: Мурғи заррин, Тӯтиҳои сухангӯ, Оинаи Ҷаҳоннамо, ангуштаринҳои муъҷизакор, доруҳои ҷонбахш ёфта, ба ватани худ меоваранд.

Эраҷ ба ватани девҳо рафта, бо лашкари девон ҷангида падарашро аз асорат халос мекунад ва ватанашро аз ҳуҷуми девҳо муҳофизат менамояд. («Эраҷи девафкан»).

Бисёр афсонаҳо дар замони мо навишта шудаанд, вале қаҳрамонони баҳодури онҳо Қиличпаҳлавон, Кӯлулабаҳодур, Салимпаҳлавон ва дигарон, ки дар иҷрои мақсадҳои наҷиб ҳеҷ ҳеҷ чиз садди роҳи онҳо шуда наметавонад, қаҳрамонҳои эпоси (достонҳои) қадимии халқ, алалхусус Фирдавсӣ «Шоҳнома») ва достонҳои («Гӯрӯғлӣ») -ро ба хотир меоваранд. Дар бораи ҳар кадоми инҳо халқ афсонае эҷод кардааст ва ин афсонаҳои пур аз саргузаштҳои аҷоиб, пур аз талошҳои тезутунд. барои барқарор намудани адолат ва некӣ , дар қувват

додани рӯҳи хурдсолон аҳамияти махсус пайдо карда омадаанд.

Афсонаҳо нишон медиҳанд, ки одамони худбини дурӯя ва бадкирдор кам нестанд. Онҳо барои манфиатҳои шахсии худ касонро фиреб медиҳанд, дурӯғ мегӯянд, ҳилаҳо ба кор мебаранд, сафедро сиёҳ мегӯянд, шахсони поктинат ва росткорро ба вартаи ҳалокат меандозанд.

Яке аз ҷонвароне, ки дар афсонаҳои халқии тоҷикӣ хислати ин қабилҳоро дар худ таҷассум мекунад, рӯбоҳ мебошад. Ин ҷонвари айёр, баъди пир шуда аз қувват мондан , худро шайх эълон карда, хурӯсу мурғи содадилро ба доми худ кашида, худро шайх эълон карда, нобуд мекунад («Рӯбоҳ, хурӯс, мурғ ва бедона»).

Дар зиндагӣ ҳушёр, ва зирак будан зарур аст. Дар афсонаҳо ин фикр гаштаю баргашта таъкид мешавад. Агар мӯрча – персонажи (иштирокчии) афсонаи «Ҷазои ҳилагар» ҳушёрӣ ва чолокӣ аз худ зоҳир намекард, ҳосили гандуми дар давоми сол бо заҳмати зиёд бо ҳамроҳи сангпӯшт ба даст овардаи ӯро рӯбоҳи коргурези фиребгар соҳибӣ мекард. Писарбачаи меҳнатдӯст , ки дарахти зардолу сабзонда, ҳосил гирифт, агар зирак намебуд, луқмаи девбарзангӣ мешуд («Донак»).

Афсонаҳо зиндадилӣ, диди расои аҳли меҳнатро дар муайян намудани иллатҳои ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ акс мекунанд.

Қаҳрамонҳои як силсила афсонаҳои халқии тоҷикӣ («Ҳасанак», «Кал», «Девона Ҳусайнӣ», «Кӯса» одамҳои шӯх, хушдил, бебок (нотарс, далер), ҳозирҷавоб ва ҳазлбозанд. Онҳо дар сифати намояндагони меҳнаткашони ҷафодида амал карда, бар хилофи намуди назарногир ва нуқси баданашон ақли расо, зарофат ва зиракӣ аз худ зоҳир мекунанд, золимонро ҷазо медиҳанд, ба ҳимояи мазлумон мешитобанд, дар вазъиятҳои душвор ва дар мушкилиҳо дасту по гум намекунанд.

Муллоҳои фиребгар писари бетаҷрибаи Кӯсаро фиреб дода, ба ивази як тоқӣ тутмавиз гови ӯро гирифта мераванд. Кӯсаи зирак ҳилаҳо ба кор бурда, харашро ба

сифати тиллопартояк, харгӯшро дастёри хабарбарак ва калтакро мурдазиндакунак нишон дода, онҳоро ба муллоҳо фурӯхта қасд мегирад («Кӯса ва муллоҳои фиребгар»). Кали зирак бойи хунхорро сахт ҷазо медиҳад.

Афсонаҳи халқӣ чунин фикрро ба диққати бачагон мерасонанд, ки барои аз одамони золим, беадолат ва беномус қасос гирифтан нотарс ва ва чаққону ҳушёр будан лозим аст.

Ҳар кас , ки меҳнат кунад, аз ҳама зӯртар аст, оне, ки меҳнат намекунад, ба хӯрдан ҳақ надорад – ба чунин хулоса меоваранд « Аз ҳама кӣ зӯр», «Мурғ, мурғобӣ ва муш» барин афсонаҳои халқӣ.

Мардум дар афсонаҳои худ, дар зимни тасвир кардани одамони зираку пухтакор, ба ҳоли содалавҳҳо хандидаанд, нодонӣ ва кӯтоҳандеширо ҳаҷв кардаанд ва ба ин восита, ба бачагон омӯхтаанд, ки зиндагӣ мураккаб ва пур аз задухӯрду мубориза, пур аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт, фаҳму донишро тақзо (талаб) дорад. Агар бузичаҳои мағруру якрав каме ақлу фаросат медоштанд, ба дарё афтода нобуд намешуданд («Ду бузича»).

Яке аз афсонаҳои халқӣ «Лаку Пак» ном дорад. Ин ду инсони покдил, ба сабаби содадилии худ , корҳое мекунанд, бе шавқу ханда тасаввур кардан мушкил аст.

Хаҷви хасисӣ, баднафсӣ, ҳасуд (ҳасадхӯр), бахилӣ дар афсонаҳое , ки мардум барои бачагон эҷод кардаанд, мавқеи калон дорад. Тинати (хулқи) бад сарчашмаи азобу машаққат аст. Балки на танҳо азобу машаққат!

Саги баднафс дар об акси худ – саги стухон дар даҳонро дида, барои зада гирифтани устухон худро ба дарё андохта, нобуд мешавад («Саги чашмгурусна»). Рӯбоҳ санги сафеди зери чоҳи чуқурро думба гӯсфанд гумон карда, худро ба чоҳ меандозад ва нобуд мешавад (Чоҳкан зери чоҳ»).

Афсонаҳои халқӣ ба тарбияи завқи бадеии хурдтаракон бо муваффақият хизмат кардаанд. Вале хизмати оҳо бо ин маҳдуд намешавад. Ба воситаи

афсонаҳо мардум ба фарзандони худ ахлоқи нек меомӯзанд, беҳтарин хислатҳои инсонӣ: меҳнатдӯстӣ, шуҷоат, накукорӣ, покдилӣ, садоқатро тарбия мекунанд. Афсонаи «Кайкак» нисбат ба атрофиён ҳисси дилсӯзӣ доштанро тарғиб менамояд. Кайкак аз ноэҳтиётии худ ба даруни шири ҷӯшон афтода, нобуд мешавад. Канаяк рӯю мӯй канда, ба хотири дӯсти қаринаш мотам мегирад. Афсона бо суханони зерин хотима (хатм, анҷом) меёбад:

«Ана ҳамин хел Канаяк дар ғами дӯсташ азодор шуду Алошақшаққа парашро партофта, чанор баргашро рехта, бузак шохҳояшро шикаста, оби равон лойолуд шуда, ба дарду алами худ шарик шуданд».

Фил ба дарахте, ки саъба лона мондааст, худро молида, дарахтро ларзонда, ба афтондани хонаи саъба аз шохи дарахт ва нобуд шудани бачагони он сабаб мегардад. Ин ҳодиса чанд бор такрор мешавад.

Занбӯру қурбоққа ба мадади саъба омада, филро ҷазо медиҳанд: занбӯрон чашми филро мегазанд, пилкҳои чашми фил варам карда, нобино мешавад, қурбоққа гӯё аз даруни об овоз дода, фили ташнаро ба лаби ҷар мекашад, Фил ба қаъри ҷар афтода нобуд мешавад («Фил ва саъба».

Қисми асосии афсонаҳои бачагона ҳамин хел панде дар замиир доранд ва насли наврасро ба роҳи нек раҳнамоӣ мекунанд.

Умуман бисёр афсонаҳои халқӣ дар тарбияи маънавии хурдсолон нақши муҳим бозидаанд ва мебозанд. Онҳо да ҳаёти маънавии бачагони имрӯза ба воситаи бисёр маҷмӯаи афсонаҳо мавқеъ ва мақоми хосае пайдо кардаанд. Хушбахтона, миқдори чунин маҷмӯаҳо торафт меафзояд ва аҳамияти онҳо бе аз пеш вусъат мегирад.

Мураттибон бисёр кӯшиш карданд, ки ба ин ҷилди «Тазкираи адабиёти бачагон» намунаҳои беҳтарини афсона, суруду тарона, бозиҳо ва чистону тазгӯякҳои халқӣ дохил шаванд. Онҳо ҳар асарро баъди интихоб бори дигар аз таҳрир гузаронанд ва такмил доданд.

Масалан, афсонаи «Бузаки ҷингилапо» дар асоси 15 нусхаи ин афсона ва бозии «Лелак - лелаки боқӣ» дар асоси

20 нусхаи ин бозӣ таҳрир ва такмил ёфтанд. Бозиҳои халқӣ дар қолаби ҳикоя тасвир шуданд ва дар натиҷа хусусияти асари бадеиро ба худ гирифтанд.

Тазкира гулчини адабиёти даҳанакӣ барои бачагон аст ва намунаҳои мукаммалу барҷастаи асарҳои халқиро дар бар кардааст, ки нависандагон, олимон, дӯстдорони фолклор дар давоми солҳои дароз аз тоҷикони маҳалҳои гуногуни Осиёи Миёна гирд овардаанд.

## АФСОНАҲО БАРОИ КӮДАКОНИ СИННИ ХУРДИ ТОМАКТАБӢ

(Афсонаҳо барои кӯдакони томактабӣ бо қисмҳо ҷудо карда шудаанд, зеро онҳо ҳаҷман калонанд. Бинобар ин, ҳар қисми он дар як рӯз ва як машғулият истифода мегардад. Кӯдакон бошанд бесаброна шунидани давоми афсонаро аз мураббия интизор мешаванд.

### ГУНҶИШКАК

**1**

Буд набуд, як кампир буд. Кампири пири бекасу бенаво буд. Вай аз пагоҳ то бегоҳ бо чарх ришта мересид. Калоба карда мефурӯхту бо ҳамин роҳ зиндагӣ мекард. Зиндагиаш бад буд.

Як рӯз пахтааш тамом шуд. Пулаш набуд, ки пахта харад. Шишту ба ҳоли худ зор-зор гиря кард. Оби дидааш селу дарё шуд. Осиёбҳо гардон шуданд, одамон ҳайрон шуданд. Нохост дар пеши ҳавлиаш як пахтазори сап-сафед шукуфтагӣ пайдо шуд.

Ҳамин вақт як акка омада, ба сари девори ҳавлии кампир шишта гуфт:

- Шақ-шақ-шақ, мома, маро ба пахтазорат посбон намегирӣ?

- Ба ҳаққи посбониат чӣ мегирӣ – пурсид кампир.

- Шақ-шақ-шақ-шақ, - гуфт акка,-нисфи ҳосили пахтазоратро диҳӣ, бас аст!

- Бирав! - гуфт кампир, - даркор нестӣ!...

**2**

Акка парида рафту як зоғ омада гуфт:

- Қар-қар –қар , мома , маро ба пахтазорат посбон намегирӣ?

Ба ҳаққи посбониат чӣ мегирӣ?-пурсид кампир.

- Қар-қар , - гуфт зоғ,- нисфи ҳосили пахтазоратро диҳӣ бас аст!

-Бирав! – гуфт кампир,- даркор нестӣ!

Зоғ парида рафту як гунҷишк парида омад.

Гунҷишкак «чуқ»-«чуқ» гуфта, ин ҷо шишт, «чуқ»-«чуқ» он ҷо шишт.

Кампир пурсид:

-Чӣ чуқ-чуқ мекунӣ, чи магӯӣ? Мома, маро ба пахтазорат посбон намегирӣ? –гуфт гунҷишкак.

-Ба ҳаққи посбониат чӣ мегирӣ?- пурсид каммпир.

-Чуқ-чуқ ,- гуфт гунҷишкак, - ба ман камакак пахта деҳ, курта карда пӯшам…

**3**

Кампир камакак пахта гирифта дод. Гунҷишкак пахтаро ба нӯлакаш гирифту пеши ресанда рафта гуфт:

- Пахтаро рес-рес карда деҳ, рес-рес накунӣ, хоната вайрон мекунам, рӯйи ҳавлита оғилу каҳдон мекунам.

- Ресанда чархашро ба пешаш монд, пахтаро гирифта ришту як калобача ресмон карда дод. Гунҷишкак ресмонро гирифта, пеши бофанда бурд. Пеши бофанда бурду гуфт:

- Инро гиру боф-боф карда деҳ, боф-боф накунӣ, хоната вайрон мекунам, бачата гирён мекунам, рӯйи ҳавлита каҳдон мекунам!

- Бофанда ресмонро гирифта, бофту ба қади гунҷишкак чен карда, бурида дод.

- Гунҷишкак буридаро гирифта, пеши дӯзанда бурд. Пеши дӯзанда бурда гуфт:

- Дӯз-дӯз карда деҳ, дӯз-дӯз накунӣ, хоната вайрон мекунам, бачата гирён мекунам, рӯйи ҳавлита оғилу каҳдон мекунам!

- Дӯзанда як куртаи хушрӯй дӯхта дод.

Гунҷишкак куртаро пӯшида, ба пеши кампир омад. Ба пеши кампир омаду гуфт: …

**4**

Чуқ-чуқ, ана акнун пахтазоратро посбонӣ мекунам!

- Майлаш, ист, посбонӣ кун! – гуфт кампир.

Гунҷишкак рӯзи дароз «чуқ- чуқ» мегуфт, ин ҷо мешишт, «чуқ-чуқ» мегуфт, он ҷо мешишт, посбонӣ мекард.

Як рӯз гузори подшоҳ ба ин ҷо афтод. Подшоҳ дид, ки як пахтазор сап-сафед шукуфтагӣ. Вай аспашро нигоҳ дошта, ба аскарҳояш гуфт:

- Ин ҷо замини ман, ин пахтазор аз куҷо пайдо шуд? Дароед, ҳамаашро чинда гиред, якто ҳам намонад!

Гунҷишкак дид, ки аскарҳо ба пахтазор даромада, чида истодаанд:

*«Чуқ-чуқ» , бечора кампир,*
*Пахтазорат шуд ҷазир.*

- гуфта кампирро ҷеғ задан гирифт…

## ГУРГИ НОДОН

**1**

Будааст, набудааст, як гург будааст. Вай гушна мондааст. Дара ба дараю саҳро ба саҳро гаштааст. Дар ҳеҷ ҷо хӯрок наёфтааст. Харобу беҳол шудааст. Базӯр роҳ мерафтагӣ шудааст. Як рӯз ғамгину маъюс шудааст. Рафта истода будааст, ки дар роҳ ба як бузак вохӯрдааст.

- Оҳ бузаки ҷонон! - гуфтааст гург. Ман туро ёд кардам. Ҳеҷ вақт, дар ҳеҷ ҷо ягон ҷонвари дигарро ин қадар ёд накардаам.

- Аз ин гапҳоят маълум, ки ту маро хӯрдан мехоҳӣ гуфтааст, бузак.

Аммо ба ту гуфтанам даркор, ки ҳозир гӯшти ман бемаза. Агар розӣ бошӣ, ин ҷо ист. Ҳӯ ба он тарафи кӯҳ гузашта, зираю пиёз хӯрда меоям, гӯштам хеле бомаза мешавд. Гург ба гапҳои бузак бовар карда, розӣ шудааст. Бузак бошад, рафтаасту дигар бар нагаштааст…

## 2
## Пушаймонии гург

Гург «барои чӣ наомад гуфта, ба ақиби кӯҳ гузашта дидааст, ки «на пай асту на ҳайдар» (маънои мақол бе дарак шудан бе нишон ғайб задан). Гург пушаймон шуда гуфтааст:

*Эй гурги нолон,*
*Аҳмақу нодон.*
*Дидӣ, ки бузак,*
*Бихӯр бомазак!*
*Гӯшт-ку тайёр!*
*Зира чӣ даркор?*
*Наход бе пиёз,*
*Гӯшти нағзу соз,*
*Бемазза бошад,*
*Белаззат бошад?!*
*Хӯрок надорӣ,*
*Ҳам бемадорӣ,*
*Акнун медонӣ,?!*
*Мурда мемонӣ?!*

Гурги гурусна боз хӯрок ҷуста рафтан гирифтааст. Лекин базӯр роҳ мерафтааст. Пойҳои бемадораш печутоб мехӯрдаанд.

Мушу калламушҳо аз хонаҳояшон сар бароварда, гурги бемадорро дида, масхара мекардаанд. Аз болои сари гург парида гузашта, «ин ҳамин замон мемураду дар болои сараш базм мекунем» гуфта механдидаанд.

## 3
## Вохӯрии гург бо асп

- Туро Худо ба ман расонд,- гуфтааст, гург пеши аспро гирифта.

-Ту маро хӯрдан мехоҳӣ, - пурсидааст асп. Ин хел бошад, ба ту гуфтанам даркор, ки ман ба як ҷо хат (мактуб) бурда истодам. Ин хат тақдири як галаи аспонро ҳал мекунад. Агар як дамакак ҳамин ҷо истӣ, зуд гашта меоям, ту маро маза карда мехӯрӣ.

- Ту ҳам бузак барин маро фиреб доданӣ ҳастӣ? – гуфтааст гург. Ту хат-пат надорӣ, дурӯғ мегӯйӣ!

- Дорам! – гуфтааст асп.

- дошта бошӣ, нишон деҳ! - талаб кардааст гург.

Дар таги пои рости ақибам, - гуфтааст, - асп, - бовар накунӣ, омада худат хонда бин!

Гург ба ақиб гузашта, ба таги пои асп нигоҳ карданӣ шудааст. Асп бошад, гӯшашро сих кардааст. Ва ҳамин ки гург сарашро хам карда, ба таги пои рости асп нигоҳ карданӣ шудааст, чунон ба манаҳаш задаст, ки ҳамаи дандонҳояш шикастааст. Гург беҳуш шуда афтодааст. Асп хандида, чорхез карда, гурехта рафтааст.

Гург баъд аз чанд вақт ба ҳуш омада дидааст, ки ҳам асп аз даст рафтаасту ҳам бедандон мондааст:

*Эй гурги нолон,*
*Аҳмақу нодон!*
*Аз дур дидӣ асп,*
*Даррав раву часп!*
*Ту на хатхонӣ,*
*Балки нодонӣ.*
*Аз гуруснагӣ,*
*Мурда мемонӣ!*

Гург ҳарчанд зӯр задаст, аз ҷояш хеста натавониста, аз гуруснагӣ мурда мондааст.

## МУРҒИ ЗИРАК
## 1

Шағоле буд гушнаю ғамгин. Ба сӯроғи хӯрок ба назди деҳае омаду чашмаш ба таги дарахте афтод. Он ҷо як мурғи фарбеҳу тоза хоки заминро кофта истодааст.

«Ана, ризқи имрӯзаам»! – гуфта, вай оҳистакак садо набароварда ба пеши мурғ рафт.

Мурғ нохост ӯро дида, париду ба шохи дарахт шишт.

Шағол аз таги дарахт ба мурғи фарбеҳ хитоб карда гуфт:

- Эй мурғ, магар хабари нав нашунидӣ? Байни парандаю ҳайвонот сулҳ эълон шуд. Акнун ҳамаи мо дӯсту

бародар. Ба замин фаро, ба гузашта салавот (салавот гуфтан ин,ҷо ба маънои фаромӯш кардан) гуфта, чорта суҳбат кунем. ..

**2**

Мурғ гарданашро дароз карда, гоҳ ба поён ва гоҳ ба атрофаш нигоҳ кардан гирифт. Ҳалқаҳои зери гулӯяш ба ҷунбиш омаданд.. Дар гулӯяш об меҷӯшид.

Ҳой мурғи зебо, ба ту чӣ шуд? - Ту аз ягон чиз тарсида истодаӣ?

- Ҳа, албатта, кас метарсад – дия! – гуфт мурғ – Аз деҳа як гала сагон омада истодаанд! Аз саги газанда кӣ наметарсад?!

Шағол номи сагро шунида, шитобон роҳи гуезро пеш гирифт.

- Ҳой, шағол, куҷо рафтӣ? Магар мобайни парандаю ҳайвонот сулҳ эълон нашудааст? -гуфт мурғ аз паси шағол.

- Ба хаёлам сагон дар бораи сулҳ хабаре надоранд? – ҷавоб дод шағол дар ҳолате ки боз ҳам тезтар мегурехт.

Мурғи зирак бо ҳамин тадбир аз шағоли гушна ҷони худро халос кард.

## РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

**1**

Буд, набуд, як рӯбоҳ буд. Рӯбоҳи айёру маккор буд. Як рӯз ягон парандаро хӯрданӣ дошта хӯрданӣ шуда, рафта истода буд, ки якбора аз пешаш паланг баромада монд. Рӯбоҳи бечора тарсиду дир-дир ларзиду роҳ пеш гирифт.

Гурехта рафта истода буд, ки ҷарии чуқуре баромад. Илоҷи гузаштан набуд. Чӣ кор карданашро надонист. Ба болои як санги калон баромаду ба гиря сар кард.

Паланг ҳайрон шуда пурсид:

- Эй рӯбоҳ, ба ту чӣ шуд, бареи чӣ гиря мекунӣ?

- Оҳ, ман шуморо дидаму падаратон ба хотирам омаданд. Раҳматӣ, ҷояшон ҷаннат шавад…

2

Ҳамин қадар нотарсу чобуку чолок буданд, ки чашм пӯшида аз кӯҳҳо мепариданд. Аз дарёҳо мегузаштанд. Сад афсӯс, ки дидани корнамоиҳои ин хел далерон дигар ба ман муяссар намешавад. Гиряи ман ана барои ҳамин аст.

Паланг ин гапро шунида, бо ғурур сар бардошт. Дар пеши рӯбоҳ чусту чолокии худро намоиш доданӣ шуда, аз ҷарӣ ҷаҳид. Ҷаҳиду ба қаъри ҷарӣ рафта зад.

Рӯбоҳ ба таги ҷарӣ нигҳ карда, писханд зада гуфт:

- Ман медонистам, ки шумо дигару падаратон дигар. Ҳар фарзанд падараш барин намешавад.

## ЛАКЛАК – ТАБИБ

### 1

Буд, набуд, як гург буд. Гурги гӯсфанддузду гӯсфаднхӯр буд. Рӯзе дар гулӯяш ногаҳон устухон дармонд. Гулӯяш дард кард. Оби даҳонашро фурӯ дода, нафас гирифта наметавонист. Тарсида, ба пеши табиб рафт.

- Дарди ту даво надорад, - гуфт табиб. Устухон ба таги гулӯят чуқур даромада рафтааст. Илоҷи гирифтан нест. Бо ин аҳвол зинда намемонӣ.

Гург ба воҳима афтод. Худро ба чор тараф зада, гиряву нола кардан гирифт.

Лаклак дар лаби кӯлмак гашта, қурбоққа дошта мехӯрд. Вай нолаи гургро шунида, омада пурсид:

- Эй гург, ба ту чӣ шуд?

- Напурс! –гуфт гург,- умри ман охир шудааст! Дар гулӯям устухон дармондааст. Табиб ҳеҷ кор карда натавонист…

### 2

Лаклакро раҳмаш омад.

- Канӣ, наздиктар биё! – гуфт. – Падари ман табиб буд. Ман ҳам як табибӣ карда бинам.

- Ой дӯсти азиз! – хурсандона фарёд кард гург. – Агар ту маро аз ин дард халос кунӣ, ҳар чӣ гӯӣ, мекунам!

Лаклак нӯли дарози худро ба гулӯи гург дароварда, устухонро кашида гирифт.

- Гург ҳамон замон сабукӣ ҳис кард. Аз ҷояш хесту ба роҳи худ рафт.

- Ист! Охир ба ваъдаат вафо кун! – гуфт лаклак.

- Ту розӣ нестӣ? Фарёд зад гург. -Ту каллаатро ба гулӯи ман тиққонда, сиҳату саломат берун кашидӣ. Магар ин вафо нест?! Ман метавонистам туро хӯрам. Гум шав аз назарам. Дигар вонахӯр, ки хӯрда мемонам!

Лаклак чизе нагуфт. Фақат аз дил гузаронд, ки ба кӯрнамакон ёрӣ додан лозим набудааст.

## ХАРГӮШАКИ ШЕРДИЛ

### 1

Харгӯшчае буд, харгӯшчаи тарсончаке буд. Шохчае қирси карда шиканад, ё парандае қанот занад. Ё парчаи барф аз дарахт таппӣ афтад, як қад мепариду гирён мешуд.

Баъд калон шуд, ҷасоратдор шуд. Як рӯз калонӣ карда, гуфт:

- Ман аз ҳеҷ чиз наметарсам! Вай ин суханонро бо тамоми овозаш такрор карда ба даруни беша даромад.

- Чӣ, ту аз гург ҳам наметарсӣ? – пурсид як харгӯши дигар.

Аз гург ҳам, аз рӯбоҳ ҳам аз хирс ҳам наметарсам! – ҷавоб дод харгӯшча. - Агар гургро бинам, пора карда мепартоям.

- Ту аҳмақ! - гуфт як харгӯши дигар.

Ҳамин вақт як гург пайдо шуда монд. Гург гушнаю хаста буд. «Кошки ақаллан як харгӯш вомехӯрд» - гуфта орзу мекард. Нохост ба гӯшаш овози харгӯш расид. Вай бозистоду поида - поида пеш омадан гирифт.

Гург наздик омада шунид, ки харгӯшҳо ӯро мазоҳ карда истодаанд. Як харгӯшчаи каҷчашми думкалта ӯро пора карда хӯрданист…

### 2

«Исто, ман ҳозир ба сари ту, лофзан, об мерезам», - гуфт гург ва нигоҳ кард, ки кадом харгӯш лоф мезанад.

Харгӯшча ба болои кундаи дарахт баромада, мегуфт:

- Гӯш кунед, эй тарсончакҳо, гӯш кунед, ман ба шумо як чизи аҷиб нишон медиҳам…Ман… Ман…

Ҳамин вақт вай гургро дида, гапашро гум карду нафасаш гашт. Аз тарс мисли ҳаппак лӯнда шуд, ба болои сари гург афтод. Афтоду поён ҷаҳида, гурехта рафт. Қувваташ намонд, лекин истода натавонист.

Гумон кард, ки гург аз ақибаш давида меояд. Ва ҳамин замон ӯро дошта мехӯрад.

Вай чашмонашро пӯшида, дар таги буттае афтиду аз ҳуш рафт. Ва баъди чанд вақт ба ҳуш омада, ҳайрон шуд, ки гург чаро ӯро нахӯрдааст.

Гург бошад, вақте ки харгӯш ҳаппак барин ба болои сараш афтод, гумон кард, ки касе ӯро парронд. Ва бо тамоми қувваташ ба як тарафи дигар гурехта рафт. Харгӯшча фикр карда, чӣ хел шудани воқеаро пай бурд. Ва ҷасорат пайдо карда, аз таги бутта баромаду ба пеши харгӯшҳо баргашта, худро таъриф кард:

- Ана, дидед, ман аз гург ҳам наметарсам!

Шариконаш гапи ӯро маъқул дониста, сар ҷунбонданд.

## АФСОНАИ ҲАҶВӢ
## ҲАСАНАК

Аҷаб як ҷавоне буд Ҳасанак. Як тарафи дунёро об барад ҳам, парво надошт. На аз гузашта фикр мекарду на ғами ояндаро мехӯрд. Рӯз меҳнат мекард, шаб роҳат. Кору бораш сайру гашту саёҳат буд.

Ҳасанак як рӯз ба шаҳре расид, ки мардуми шаҳр аз гуруснагӣ ба дод омада буданд. Намедонистанд чӣ кор кунанд. Гуруснагон беҳолу бемадор дар кӯчаҳо мехобиданд.

Ҳасанак ба кӯҳ рафта, як бор ҳезумоварда мефурӯхт. Се бор ҳезум оварда мефурӯхт. Ба худаш мувофиқ гӯшту равғану биринҷу сабзӣ харид мекард. Ба як ҳавлии бесоҳиби вайрона даромада, дар тараддуди ошпазӣ шуд. . .

## 2

Подшоҳи мамлакат баъзе вақтҳо аз фикру зикри мардум огоҳ шудан хост. Ӯ либоси камбағалона пӯшида, шаҳрро давр мезад. Ин бегоҳ дар дар кӯчаҳои шаҳр гаштугузор карда, дид, ки аз мӯрии бисёр хонаҳо дуд намебарояд. Аксарияти мардум хӯроки гарм он тараф истад, нони хӯрданӣ надоранд. Дар як канори шаҳр чашми подшоҳ ба дуде афтод, ки аз як ҳавлии вайрона мебаромад. Наздиктар омад, ки бӯи палав ба димоғаш расид. Ба ҳавлӣ даромада, як ҷавони танҳоро дид.

- Эй ҷавон, - гуфт подшоҳ, - ман як марди ғариб. Мебинам, ки ту танҳоӣ. Чӣ мешуд, ки ҳамин шаб маро дар кулбаат ҷой медодӣ.

- Марҳамат, хуш омадед! - гуфт Ҳасанак.

Подшоҳ даромад. Дере нагузашта, ош пухт. Ҳасанак ошро кашида, ба дастархон монд. Ҳар ду бо иштихо хӯрданд. Баъд подшоҳ аз Ҳасанак пурсид:

- Мардум нони хӯрдан надоранд, ту бошӣ, барои як худат ин қадар оши сергӯшту серравған пухтӣ. Аз афти коря гон даромад дорӣ?...

- Эй амак, - гуфт Ҳасанак, - гуфтаанд, ки «ангурро хӯру боғашро напурс» Ошро хӯрдед, ба он тарафаш чӣ кор доред?!

## 3

Ҳасанак дастурхонро ғудошта, дуторчаашро баровcovarда,суруд хонда, вақтхушӣ кард.

Подшоҳ фикр кард, ки «ин ҷавонро косиб гӯям, , косибмонанд не, савдогар гӯям, савдогармонанд не. Ин ё роҳзан аст, ё дузд. Агар фаҳмам, ки роҳзан, ё дузд аст, бурда ба зиндон меандозам». Вай такурӯ карда, касбу кори Ҳасанакро пурсидан гирифт:

- Бисёр пурсидед – дия! - гуфт Ҳасанак.- Ман на косиб, на ҳунарманд, на дузду роҳзан. Ман як одами меҳнаткаш… Тамоми рӯз аз кӯҳҳо ҳезум оварда, фурӯхтаму аз муздаш ин чизҳоро харидам.

Подшоҳ бовар накарда, рӯзи дигар ба бозори ҳезум омад. Дид, ки дар ҳақиқат Ҳасанак ҳезум фурӯхта истодааст.

Подшоҳ ба қасраш омада, фармуд, ки ҳезумфурӯширо манъ кунанд. Ҷарчиҳо (хабарчиҳо) дар кӯчаву бозор гашта, бонг заданд, ки:

- Ҳукми подшоҳ ин аст, ки ҳар кас ҳезум фурӯшад, ҷояш зиндон мешавад. ..

**4**

Бегоҳии ҳамон рӯз подшоҳ боз либоси камбағалона пӯшида, аз пеши истиқоматгоҳи Ҳасанак гузашт. Ин дафъа ҳам аз ҳавлии вайрона бӯи ош ба димоғаш заду ба ҳавлӣ даромад.

- Марҳамат кунед, марҳамат кунед, - гуфта Хасанак ӯро даъват кард.

Подшоҳ даромад. Ҳасанак ошашро кашид, ҳар ду ҳӯрданд. Подшоҳ пурсид, ки:

- Эй ҷавони мусофир, шунидам, ки подшоҳ ҳезумфурӯширо манъ кардааст. Гумон карда будам, ки ту ҳезум фурӯхта натавониста, имрӯз гушнаю ташна хобидаӣ?

-Хок бар сари подшоҳатон, намедонам, ки вай ба чӣ сабаб ҳезумфурӯширо манъ кардааст. Оламро гашта, дар ҳеҷ ҷо ин хел қоидаву қонуни аблаҳонаро надида будам. Ҳезумфурӯширо, ки манъ кард, алаф оварда фурӯхтам.

- Агар алаффурӯширо ҳам манъ кунад, чӣ кор мекунӣ? – пурсид подшоҳ.

- Чӣ кор мекунам? Меравам, ҷорӯбӣ зада омада, ҷорӯбфуршӣ мекунам.

Агр подшоҳ ҷорӯбфурӯширо ҳам манъ кунад - чӣ?

- Боз ягон роҳи зиндагиро меёбам - дия. Шумо аҷаб одаме будаед.

Ҳамаи инро пурсуҷӯ карда мегардед -мӣ?

**5**

Ҳасанак дуторчаашро гирифту боз ба сурудхонӣ сар кард:

Ризқи харрӯза мерасад аз ранҷ,
Ғами беҳуда мехӯрад беганҷ.

Подшоҳ «ман ин ҷавони худбоварро соз мекунам , канӣ, бинам, пагоҳ

чӣ хел ганҷ пайдо мекунад» гуфта аз дилаш гузаронид. Вай рафту пагоҳӣ

барвақт ба одамонаш фармуд, ки:

- Дар фалон ҷо як ҷавон зиндагӣ мекунад. Оварда ба дасташ яроқ дода, ба қалъа посбон таъин кунед. Тамоми рӯз посбонӣ кунад.

Одамонаш фармони подшоҳро иҷро карданд. Ҳасанак шоф дар миён тамоми рӯз дарвозаи қалъаи подшоҳро посбонӣ кард.

Бегоҳӣ подшоҳ: «Канӣ бинам, акнун аҳволаш чӣ хел бошад», гӯён ба истиқоматгоҳи Ҳасанак омад. Ҳасанак вақташ чоқ ош мепухт.

-Биёед, ошно, биёед! - ӯ подшоҳро дида.

Ошро хӯрданд, аз оши дирӯза бамаззатар буд.

- Канӣ, гӯй, имрӯз харҷи ошро чӣ хел пайдо кардӣ? – пурсид подшоҳ

- Асло напурсед, - гуфт Ҳасанак, - , - одамони подшоҳ маро гирифта бурда, ба дастам шоф (шамшер) дода, посбони қалъа карданд. Ҳамин ки ҷавоб шудам, шофро фурӯхтаму шофи чӯбин тарошида, ба ғилофаш андохта мондам. Пулам аз хариди имрӯза ҳам зиёдатӣ кард.

**6**

- Агар подшоҳ туро ба назди худ оваронда, ягон ҷинояткорро бо шоф зан гӯяд, чӣ кор мекунӣ? Дар ин бора фикр накардӣ?

- Дар ҳар хусус одам фикр кардан гирад, сараш гиҷ мешавад. Магар нашунидед, ки бузургон гуфтаанд:

*Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,*
*Мушкиле нест, ки осон нашавад.*

Подшоҳ рӯзи дигар гуфтагиашро кард. Хасанакро ба назди ӯ бурданд. Як марди ишкел дар пою дастро тела дода, пеши подшоҳ оварданд. Подшоҳ ба Ҳасанак фармуд:

- Ин мард гуноҳи азим кардааст. Мо ҳукми куш баровардем. Бо як шоф задан, агар гарданашро аз тан ҷудо накунӣ, ҷаллодон сари худи туро аз танат ҷудо мекунанд.

Хуб шудааст! Амри подшоҳ барои бандагонаш воҷиб! – гӯён Ҳасанак шофро аз ғилоф кашида, ба гардани марди бандӣ чунон зад, ки шоф пора-пора шуда, ба чор тараф пош хӯрд.

- Эй одшоҳи олам, эй султони бокарам, - гуфт Ҳасанак, - дуруст гуфта будаанд, ки «агар одам бегуноҳ бошад, шофи ҷаллод чӯб мегардад». Ин мардак бегуноҳ будааст, шофи ман чӯб шуд».

Подшоҳ хандиду ба кордонию зиракии Ҳасанак қоил шуду ӯро ҷавоб дод.

Ҳасанак пештара барин меҳнат карда, ризқу рӯзиашро ёфта, бо вақти

хуш зиндагӣ карда гаштан гирифт.

## СУРУДУ ТАРОНАҲО
### (Барои кӯдакони синни хурди томактабӣ)

### ТУРНА

*Турна қатор меояд,*
*Аргамчинвор меояд.*
*Вақти баҳор меояд,*
*Мавсими кор меояд.*
*Дар мавсими баҳорон,*
*Дар домани кӯҳсорон,*
*Бисёр боло мепарад,*
*Ғазалсаро мепарад.*
*Турна қатор аргамчин,*
*Болохонадор аргамчин.*

### БОРОН

*Борон, биё, борон, биё,*
*Ба чӯли чӯпонон биё,*

*Ба деҳи деҳқонон биё,*
*Ба боғи боғбонон биё.*

## КАФШИ БИБӢ ТАР ШУД

*Борон борид шар-шар,*
*Ба рӯи ҳавлию дар.*
*Кафши бибем тар шуд,*
*Бобои қаландар шуд.*

## АЛАФ

*Борон борад ба ёбон,*
*Алаф шавад ба говон,*
*Говони мо шир диҳанд,*
*Говони мо сер шаванд,*
*Шираш хӯранд бачагон.*

## МӮЯМ ДАРОЗ КУН

*Борони ҳамал,*
*Ба мӯям амал.*
*Мӯям дароз кун,*
*Дарози соз кун.*

## ШАМОЛ

*Шамол биё,*
*Шамол биё,*
*Бачата хобонда биё,*
*Кокула ҷунбонда биё,*
*Бачата об бурдаст,*
*Тӯрбата об бурдаст.*

## АБР

*Абри гузар,*
*Тохта гузар,*
*Ягон-ягон*
*Чакида гузар.*
*Дурру гуҳар*
*Рехта гузар.*

## ОФТОБ БАРОМАД

*Офтоб баромад,*
*Аз дар даромад.*
*Як лаъли марҷон барин,*
*Духтари Холҷон барин.*

## ҲАВО, РӮТА КУШО

*Ҳаво-ҳаво рӯта кушо,*
*Тортораки мӯта кушо,*
*Дарҳои осмона кушо,*
*Хушрӯю тобона кушо,*
*Кӯдакон бозӣ кунанд,*
*Бозӣ кунанд, шодӣ кунанд.*

## УВОРӢ

*Увориё, уворӣ,*
*Майдон пури ҷуворӣ.*
*Ҷуворӣ хазон шудаст,*
*Қурбоққа калон шудаст.*
*Э қурбоққаи нақшин,*
*Лаби ҳавзи мо бишин,*
*Саҳар хезу «қур-қур кун,*
*Хоби келина дур кун.*

## ШУТУРИ ҚАЗОҚӢ

*Шутури қазоқӣ,*
*Полон ироқӣ,*
*Хӯрҷӣн тароқӣ,*
*Зону ямоқӣ!*
*Чашмаш ойнача,*
*Пояш лаълича,*
*Думаш ҷорӯбча,*
*Пӯсташ чоруқча,*
*Лабаш тавора,*
*Шикам нагора.*

## ҶАЙРА

*Ҷайра баромад дар адир,*
*Дар даҳони ҷайра фатир,*
*Бобома кардаст ҷазир.*

*Ҷайра баромад тохта,*
*Ҳар хоракаш сих сохта,*
*Дар сари ҷайра нӯхта.*

*Ҷайра тарсонд калбуза,*
*Сайри полиз то рӯза,*
*Бобо, чӣ шуд харбуза?*

## ДАВИДЕМУ ДАВИДЕМ

*Давидему давидем,*
*Сари чорсӯ расидем.*
*Ӯсмаи тар харидем,*
*Пеши келин давидем.*
*Келин дар болохона,*
*Меҳмон дар меҳмонхона.*
*Келин зулфаша тоб дод,*
*Домод аспаша об дод.*

## БОРОН БОРИД

*Борон, бор,*
*Аз нов шор,*
*Додом дар чӯл*
*Гандумкор.*
*Борон борид,*
*Аз нов шорид,*
*Бобом дар боғ,*
*Гулҳо корид.*

## ЗОҒИ АЛО ҚАР-ҚАР

-*Зоғи ало*
*Қар-қар!*

*- Куҷо равӣ?*
*- Лаб-лаби ҷар,*
*Чӣ мечинӣ?*
*Меваи тар.*
*- Чӣ мепазӣ*
*- Ҳалвои тар,*
*- Кай мехӯрӣ?*
*- Вақти саҳар,*
*- Кай мемурӣ?*
*- Соли дигар.*

## МУРҒИ ДАШТӢ

*- Эй мурғи даштӣ,*
*Аз кӯҳ гузаштӣ*
*Бобома дидӣ?*
*Савғома додӣ?*
*Бобом саломат?*
*Аз рӯзи рафтан*
*Чаро то ин дам*
*Хаташ наомад?*

## ЧУМЧУҚИ ДАШТӢ

*Чумчуқи даштӣ,*
*Гаштиву гаштӣ,*
*Барои мӯят*
*Шона наёфтӣ,*
*Шона, ки ёфтӣ,*
*Хона наёфтӣ,*
*Хона, ки ёфтӣ,*
*Дона наёфтӣ.*

## ЧОЙРЕЗАКИ ДОДОМ

*Олуча гули бодом,*
*Ман духтараки додом.*
*Додом шишта чой хӯранд,*
*Ман чойрезаки додом.*

**ДАСТЁРИ ДОДО**

*Додо, калонак шудаям,*
*Кӯчадавонак шудаям,*
*Китобхонак шудаям,*
*Додо , ба ман китоб харед,*
*Додо, мана мактаб баред.*
*Додо, манам дилсӯзатон,*
*Ҷома, гиребондӯзатон.*
*Додо, ба ман дафтар харед,*
*Додо, мана мактаб баред.*

**(БАРОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲИ 1)**

**СИНФИ 1**

**ҲАВО, РӮТА КУШО**

*Ҳаво, ҳаво, рӯта кушо,*
*Тортораки мӯта кушо,*
*Дарҳои осмона кушо,*
*Хушрӯю тобона кушо,*
*Кӯдакон бозӣ кунанд,*
*Бозӣ кунанд, шодӣ кунанд.*

**ОФТОБ**

*Офтоб барод ба рӯям,*
*Нуқрапӯпак ба мӯям,*
*Ҳалқаи зар ба гӯшам,*
*Чойнаки чой ба пешам,*
*Рехта диҳам ба хешам,*
*Ба хешаки хушрӯям,*
*Хушрӯи қиссагӯям.*

**ҶАЙРА**

*Ҷайра баромад дар адир,*
*Дар даҳони ҷайра фатир,*
*Богома кардаст ҷазир.*

*Ҷайра баромад тохта,*
*Ҳар хоракаш сих сохта,*
*Дар сари ҷайра нӯхта.*
*Ҷайра тарсонд калбуза,*
*Сайри полиз то рӯза,*
*Бобо, чӣ шуд харбуза?*

**МУШАК- МУШАК**
*Мушак-мушак, гардоне,*
*Осиёби вайроне.*
*Орда биёр, кулча кунем,*
*Ба рӯйи лаълича кунем.*
*Атолаи кочӣ кунем.*
*Орд, ки нест бо чӣ кунем?*
*Гандума деҳ, бирён кунем,*
*Дар тагаки дандон кунем.*
*Чормагза деҳ, ғелон кунем,*
*Пистая деҳ,  хандон кунем.*

**БОФ-БОФ**
*Зилзиламоҳ, найча биёр,*
*Калобаи оча биёр,*
*Аз дару дарбача биёр,*
*Сабади пуркулча биёр.*
*Найчая пур-пур кунем,*
*Кулчая хӯр-хӯр кунем.*
*Боф-боф кунем дар дукон,*
*Курта шавад ба Мавлон.*

**ЛАКЛАКИ ҲИСОРӢ**
**-** *Эй лаклаки ҳисорӣ,*
*Ту хона куҷо дорӣ?*
*-Дар шохи чанор дорам,*
*Сад хона қатор дорам.*
*- Эй лаклаки ҳисорӣ,*
*Ба хона чӣ меорӣ?*

*- Маскаву панир орам,*
*Кулчаву фатир орам.*

## САВОР ОМАД

*Дакар-дукур кӣ омад?*
*Аз боло савор омад,*
*Аз мулки Ҳисор омад,*
*Бобо Зулфиқор омад,*
*Қамчин думи мор омад,*
*Сандуқ ба канор омад,*
*Чил аспи қатор омад.*
*Дар тагаки дарвоза*
*Момои Хумор омад,*
*Ҳамчун гули нор омад,*
*Монанди баҳор омад.*

## БОЗӢ КУНАМ

*Дадам харид радиё,*
*Симчаҳояш аз тилло.*
*Радиёро гӯш кунам,*
*Овозашро хуш кунам,*
*Ба созаш бозӣ кунам,*
*Очама розӣ кунам.*

## АСПИ АЛО

*Давидему давидем,*
*Сари бозор расидем,*
*Аспи ало харидем,*
*Аспи ало зин гӯяд,*
*Қамчини нақшин гӯяд,*
*Савори лочин гӯяд.*

## АЗ БОЗОР ЧӢ МЕОРӢ?

*- Эй акаи саворӣ,*
*Аз бозор чӣ меорӣ?*
*-Як шаддаи марворӣ,*
*Як кавшаки булгорӣ.*

*Як куртаяки атлас,*
*Як камзулаки адрас.*
*Як тоқии зардӯзӣ,*
*Як рӯмоли гулдӯзӣ.*

### АККА
*Акка, акка, ало ту,*
*Думат боло, бало ту.*
*Қанотакат рахти ту,*
*Дарахтакон тахти ту.*
*Акка, акка, пар дорӣ,*
*Аз ҳар ҷо хабар дорӣ.*
*Нома аз додар биёр,*
*Муждаи хоҳар биёр.*

## СИНФИ 2

### САФОИ ОЛАМ
*Баҳори хуррам омад.*
*Сафои олам омад.*
*Шодии одам омад,*
*Баҳори нав муборак!*

*Замин пур аз гиёҳ шуд,*
*Гули бунафша во шуд.*
*Лола ба ҳар куҷо шӯд,*
*Баҳори нав муборак!*

*Дар баҳор борон шавад,*
*Ғалла ҳам арзон шавад.*
*Нон фаровон шавад,*
*Баҳори нав муборак!*

### САРАК-САРАК
*Сарак-сарак сароша,*
*Ҳалқекои тиллоша.*

*Мурғак барад пароша,*
*Дадаш чиҳо биёрад?*
*Куртаи кимхо биёрад.*
*Инаша пӯшад, мезебад,*
*Ваяша пӯшад, мезебад.*
*Сарак-сарак сароша,*
*Мурғак барад пароша.*
*Дадеш чиҳо биёрад?*
*Себи ширин бирад,*
*Гӯшти биқин биёрад,*
*Сарак-сарак сароша,*
*Мурғак барад пароша.*

## МУШАК

*Мушак-мушак, дандон бидеҳ,*
*Хирмани гул, майдон бидеҳ.*
*Гандум бидеҳ, кӯчӣ кунам,*
*Ордак бидеҳ, кулча кунам.*
*Тухмак бидеҳ, дандон кунам,*
*Дандонаки сандон кунам.*
*Чормагз бидеҳ, чақ-чақ кунам,*
*Писта бидеҳ, чиқ-чиқ кунам.*

## БУЗАК

*Ҳаво, ҳаво, ист, ист,*
*Бузи калам нест, нест.*
*Бузи калам дар айлоқ,*
*Ҳайфи хурмаҳои қоқ.*
*Бузи калам дар бармол,*
*Тоҷи сараш сафедмол.*
*Боло мерам, мегӯтам,*
*Поён мерам, мегӯтам.*
*Ҳайфи корсон қурутам,*
*Калбузаки нобудам.*

## ЧИЛ АСПИ БАБОР ОМАД

*Аз боло губор омад,*
*Чил аспи бабор омад.*
*- Аспҳоро куҷо бандем?*
*- Дар беди қатор бандем.*
*- Қамчина куҷо монем?*
*- Дар шохи чинор монем.*
*Шохи чинор канда шуд,*
*Бибиниёз банда шуд.*
*Бибиниёз- чӯби хушк,*
*Кокулонаш бӯи мушк…*

## ДЕВОРАКА КОФТЕМ

*Деворака кофтем,*
*Сӯзанака ёфтем.*
*Сӯзанаки кӣ бошад?*
*- Сӯзанаки Назокат!*
*Назокатҷон – гули боғ,*
*Зулфаконаш пари зоғ.*
*Зулфакоша бофтем,*
*Паси гӯш партофтем.*

## СЕ ДУХТАРАКОН

*Се духтаракон будем,*
*Лолачинакон будем.*
*Давидему давидем,*
*Ба ҷӯи нав расидем.*
*Ҷӯи нава обаш нест,*
*Дугонема хобаш нест.*
*Як хол дорад дугонем,*
*Ду хол дорад дугонем.*
*Се сол боз надидем,*
*Чӣ ҳол дорад дугонем?*

## ДАР ТАГИ АНҶИР

*Таги анҷир суфча,*
*Суфачаба намадча,*

*Намадчаба кӯрпача,*
*Кӯрпачаба Шафоча.*

## СИНФИ 3

### НАВРӮЗӢ

*Наврӯзу навбаҳор аст,*
*Гул дар миёни хор аст.*
*Ғунча даҳон кушода,*
*Булбул чӣ беқарор аст.*
*Наврӯзу навбаҳорон,*
*Чу мавсими гул омад,*
*Ба шохи гул нишаста,*
*Хониши булбул омад.*
*Наврӯзу навбаҳорон,*
*Ба гулрухон муборак,*
*Ин рӯзи шоду хандон*
*Ба кӯдакон муборак.*

### СОЛИ НАВ

*Лайлак омадаст дина,*
*Дар ҳавлии Одина.*
*Одина хамир кардаст,*
*Келинаш фатир кардаст.*
*Ҳезумаш камӣ кардаст,*
*Камтарак намӣ кардаст,*
*Бобош ба ҳезум рафтаст,*
*Аргамчина гум кардаст.*
*Аргамчин дар боги мо,*
*Себи сурх анори мо.*
*Себи сурхи оташин,*
*Гул баромад аз замин.*
*Аввали фасли баҳор,*
*Аз сари шохи чанор,*
*Ду лайлаки қайроқбоз,*
*Мехонад бо як овоз:*

*Соли нав муборак бод!*
*Соли нав муборак бод!*

## ХАДИЧАҶОН БУЛБУЛЕ

*Як думаку ду думак,*
*Сарпиёзу гандумак.*
*Гандума даравидем,*
*Овозаке шунидем,*
*Оозаки кӣ, оча?*
*- Овозаки Хадича.*
*Тохтем , рафтем сари пул,*
*Ёфтем як дастаи гул.*
*Ҳар гулеву ҳар гуле,*
*Хадичаҷон булбуле.*
*Хадича дар гулзор буд,*
*Поҳояш пури хор буд.*
*Пеши Хадича рафтем,*
*Хораша гирем, гуфтем.*
*Хадичаҷон «ҳай- ҳай гуфт,*
*Бибиҷонаш «ҳай-ҳай» гуфт.*

## ГАРДАМ САРАКИ ДОДОМ

*Олуча гули бодом,*
*Ман духтраки додом.*
*Додом мана нагз бинад,*
*Гардам сараки додом.*
*Олуча гули бодом,*
*Ман духтараки додом.*
*Додом, ки ба боғ ояд,*
*Ман дум-думаки додом.*
*Олуча гули бодом,*
*Ман духтараки додом.*
*Додом, ки мана гум кунад,*
*Ман дар бараки додом.*

## ДАРВОЗА НИГИН ДОРАД

*Ҳо ҷастаму ҳо ҷастам,*
*Рӯмолчаба нон бастам,*
*Ани бибиҷон рафтам,*
*Гӯгирдаша гум кардам.*
*Оловаша пуф кардам.*
*Дидам таги дарвоза,*
*Ду духтари пургоза,*
*Мӯҳоша ваҷаб кардам,*
*Андар таги дарвоза.*
*Дарвоза нигин дорад,*
*Қулфи мармарин дорад.*

## ШАБПАРӢ

- *Шабпариё, шабпарӣ,*
*Маро куҷо мебарӣ?*
- *Шаҳри калон мебарам,*
*Кавши калон мехарам.*
- *Ҷамолаке, ҷамолак,*
*Аз они кӣ Камолак?*
*Ҷамолаки Гулпарӣ,*
*Кокулош ҳайдарӣ.*
*Рафтам таги дулона,*
- *Биё, - гуфтам, - дӯлона!*
*Як коса шир овардам,*
*Нону фатир овардам.*

## ШУТУР ДАР КУҶО?

- *Шутур дар куҷо?*
- *Дар баландие!*
*Бинии шутур*
*Зуготабандие!*

*Чашмони шутур*
*Ойначабандие!*
- *Шутур дар куҷо?*
- *Дар баландие!*

*Сараки шутур*
*Саллабандие,*
*Шиками шутур*
*Бӯхчабандие!*

*- Шутур дар куҷо?*
*- Дар баландие!*
*Пойҳои шутур*
*Рафидабандие,*

*Даҳони шутур*
*Кафк- кафандие!*

*- Шутур дар куҷо?*
*- Дар баландие!*
*Дандони шутур*
*Хоракандие,*

*Гӯшҳои шутур*
*Найзабандие!*
*-Шутур дар куҷо?*
*- Дар баландие!*

*Гардани шутур*
*Каҷкаландие!*
*Кӯҳони шутур*
*Гаҳворабандие!*

*-Штур дар куҷо?*
*-Дар баландие!*
*Лабҳои шутур*
*Загорабандие!*

*- Шутур дар куҷо?*
*- Дар баландие!*
*Думҳои шутур*
*Ҷорӯбчабандие!*

*- Шутур дар куҷо,*
*- Дар баландие!*

**РӮБОҲАК**

*- Ман рӯбоҳаки чусту чаққонам,*
*Дар ҷанги мургон шерри жаёнам.*
*Мириҳазори бузголгонам,*
*Дар доми сайёд асло намонам.*
*Ман мургаконро аз дарахт гирам.*
*Хурӯси тоҷдор аз тахт гирам.*
*Шаб ангури боғ ба горат барам,*
*Нест ғайри дуздӣ кори дигарам.*

**МАЛЛА**

*Малла хурду чаққон аст,*
*Дум-думи бачагон аст.*
*Гӯшҳои малла лаққа,*
*Дар гӯши малла ҳалқа.*
*Ак-ак ба акка кунад,*
*Ҳамла ба такка кунад.*
*Рӯз паи гурба давад,*
*Шом, ки шавад, хоб равад.*
*Мургака рӯбоҳ барад,*
*Бегоҳу пагоҳ барад.*
*Малла парво надорад,*
*Парво асло надорад.*

**- ПИШӢ, ТУ КУҶО АЛЛА?**

*- Пишӣ, пишӣ, лолоӣ ту,*
*Мошони мо бобои ту.*
*Аз кӯча гаштанҳои ту,*
*Чорӯқ намонд дар пои ту.*
*Саг пуштаки дар хуфта,*
*Пишӣ, ту куҷо алла?*
*Рӯбоҳ ба шикор рафта,*
*Пишӣ, ту куҷо алла?*
*Тоқдон гур-гури шамол,*

*Пишӣ, ту куҷо алла?*
*Бомак ғарами пахол,*
*Пишӣ, ту куҷо алла?*
*Танӯрак пури алов,*
*Пишӣ, ту куҷо алла?*
*Ҷӯяк шилдираси об,*
*Пишӣ, ту куҷо алла?*
*- Дари мушхона алла,*
*Таги остона алла.*

## МОМОҶУРҒОТАК

*Момоҷурғотак,*
*Чаро ту хурдак?*
*Болу паракат*
*Сурхаку зардак?*
*Чаро ту мудом,*
*Аз саҳар то шом.*
*Боло мепарӣ?*
*Куҷо мепарӣ?*
*Момоҷурғотак,*
*Ҷурғотат канӣ?*
*Соли нав омад,*
*Савғотат канӣ?*

# СИНФИ 4

## БАҲОР ОМАД

*Баҳор омад, баҳор омад,*
*Гули савсан қатор омад,*
*Ба деҳқон вақти кор омад,*
*Баҳори лолазор омад!*

*Ба рӯи сабза борон шуд,*
*Ҳама олам гулистон шуд,*
*Камарҳо ҷумла бӯстон шуд,*
*Баҳори лолазор омад!*

*Баҳор омад ба некрӯзӣ,*
*Бичин гулҳои наврӯзӣ,*
*Бипӯш тоқии гулдӯзӣ,*
*Баҳори лолазор омад!*

*Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,*
*Хӯроки кабки дилтанг аст,*
*Миёни хору ҳам санг аст,*
*Баҳори лолазор омад!*

*Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,*
*Ҳамеша дар сараш ҷанг аст,*
*Аз ин дилҳо чӣ хурсанд аст,*
*Баҳори лолазор омад.*

*Гули сияҳгӯш лабгардон,*
*Камарбанди ҷавонмадон,*
*Аз ӯ ҳар марду зан хандон,*
*Баҳори лолазор омад!*

*Чу лайлак дар Ҳисор омад,*
*Ба ҳар шохи чинор омад,*
*Зимистон буд, баҳор омад,*
*Баҳори лолазор омад!*

*Баҳор омад ба меҳмонӣ,*
*Ба таърифаш суруд хонӣ,*
*Ту қадри гул намедонӣ,*
*Баҳори лолазор омад!*

## БОЙЧЕЧАК

*Бойчечаку бойчечак,*
*Гули хушрӯйи химчак,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Бойчечак омад луччак,*
*Тамошо кун келинчак,*
*Бойчечак, бойчечак.*

*Бойчечаки ҳисорӣ,*
*Танга тилло, ҷуворӣ,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Бойчечак калон шудаст,*
*Пешопеш равон шудаст,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Эй холаи хонаддор,*
*Ҳар чӣ мехоҳӣ, барор,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Таги остона гур-гур,*
*Хонаи мо ба нон пур,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Таги остона дутор,*
*Будам хумори баҳор,*
*Бойчечак-бойчечак.*
*Бӯйи баҳор, бойчечак,*
*Муждаи кор бойчечак,*
*Бойчечак, бойчечак.*

## БИЁ, БАҲОР

*Биё, баҳор, бозӣ кунем,*
*Чумчая наққошӣ кунем.*
*Чумча ба мо об диҳад,*
*Оба ба полиз диҳем.*
*Полиз ба мо сабча диҳад,*
*Сабчая ба модгов диҳем.*
*Модгов ба мо шир диҳад,*
*Шира ба деҳқон диҳем.*
*Деҳқон ба мо ғалла диҳад,*
*Ғаллая ба осиё диҳем.*
*Осиё ба мо орд диҳад,*
*Орда ба элак диҳем.*
*Элак ба мо бехта диҳад,*
*Бехтая ба суфра диҳем.*
*Суфра ба мо хамир диҳад,*
*Хамира ба танӯр диҳем.*
*Танӯр ба мо кулча диҳад,*

*Кулчая ба чӯпон диҳем,*
*Чӯпон ба мо барра диҳад,*
*Баррая ба бозор барем.*
*Китоба аз дукон харем,*
*Китоба мо хонда шавем,*
*Китоб ба мо савод диҳад.*

## ЯК ДОНА МАРВОРӢ

*Як дона марворӣ,*
*Ду дона марворӣ.*
*Ман банда ба саракат,*
*Тарбузи ғелон ворӣ.*
*Ман банда ба пешонӣ,*
*Тахти Сулаймон ворӣ.*
*Ман садқа ба гӯшакат,*
*Гӯшвори овезон ворӣ.*
*Ман банда ба чашмонат,*
*Мушки Ҳиндустон ворӣ.*
*Ман банда ба дандонат,*
*Ёқуту марҷон ворӣ.*
*Ман банда ба дастакат,*
*Дасти ҳунардон ворӣ.*
*Ман банда ба поякат,*
*Кафши дав-давон ворӣ.*
*Ман банда ба қадакат,*
*Химчаи ларзон ворӣ.*
*Ман банда ба рафторат,*
*Кабки хиромон ворӣ.*

## ЧӢ ГАЗИД?

*Э, вой, мана дупар газид!*
- *Чӣ газид? Ғунда газид?*
*Дар болои кунда газид?*
*Э кошкӣ ғунда мегазид,*
*Болои кунда мегазид,*
*Э вой, мана дупар газид.*
- *Гӯ, чӣ газид? Мор газид?*

*Дарози думдор газид?*
*Э кошкӣ мор мегазид,*
*Дарози думдор мегазид,*
*- Э, вой, мана дупар газид!*
*- О, чӣ газид? Мӯрча газид?*
*Дар хамаки кӯча газид?*
*- Э кошки мӯрча мегазид,*
*Миёни кӯча мегазид,*
*Э вой, мана дупар газид!*
*- О, чӣ газид? Гурба газид?*
*Дар пуштаки тӯрба газид?*
*- Э кошкӣ гурба мегазид,*
*Дар пушти тӯрба мегазид,*
*Э вой, мана дупар газид.*
*- О, чӣ газид? Хар газид?*
*Дар лабаки ҷар газид?*
*- Э кошки хар мегазид,*
*Дар лабаки ҷар мегазид,*
*Э вой, мана дупар газид!*
*- О, чӣ газид? Зоғча газид?*
*Дар болои шохча газид?*
*- Э, кошки зоғча мегазид,*
*Болои шохча мегазид,*
*- Э вой мана дупар газид?*
*- Вай саласурхи дупара,*
*Миёнборики ҷангара,*
*Дорад ба қассоб рафтуо,*
*Нӯги думаш неши бало.*
*Дар боғ дорад хонаҳо.*
*Дар дасту пояш шонаҳо.*
*- О, чӣ газид? Ору газид?*
*- Ҳа, ҳа, худи ору газид!*

## БУЗАКАМ ЧИГӢ-ЧИГӢ

*Як буз дорам, кабуд аст,*
*Ҷояш таги муруд даст,*

*Хурма пури қурут аст,*
*Бузакам, ҷигӣ-ҷигӣ!*

*Бузакам шохкалон аст,*
*Пеши моли чӯпон аст,*
*Аҷалаки гургон аст,*
*Бузакам, ҷигӣ-ҷигӣ!*

*Бӯзаки шӯхам тоқ аст,*
*Почадарози қоқ аст,*
*Саркашаки айлоқ аст,*
*Бузакам, ҷигӣ-ҷигӣ!*

*Бузакамро, ки ҷӯшам,*
*Ширакашро фурӯшам,*
*Ҳалқа харам ба гӯшам,*
*Бузакам, ҷигӣ-ҷигӣ!*

*Ҳой-ҳой, амаки чӯпон,*
*Бузма надеҳ ба гургон,*
*Аз ту мгирам товон,*
*Бузакам, ҷигӣ-ҷигӣ!*

## САРАФСОНАҲО

Аввали афсонаҳо чунин сар мешавад:

*Буд, набуд, будгор буд,*
*Замин набуд, шудгор буд.*
*Фаслаки баҳор буд,*
*Вақти гули хор буд.*
*Дар як хона тӯй буд,*
*Хона лаби ҷӯй буд.*
*Лаклак тавлакзан буд,*
*Достак дуторзан буд.*
*Тӯтӣ саногӯй буд,*
*Қумрӣ дуогӯй буд.*
*Гурба бакавул буд,*

*Рӯбоҳ ясавул буд.*
*Ҳуд-ҳутак ҳоким буд,*
*Мусича ходим буд.*
*Калламуш дарбон буд,*
*Мушак сари нон буд.*
*Гургак шӯрбопаз буд.*
*Хирсак ҳалвопаз буд,*
*Гӯшдароз ҳаммол буд,*
*Қурбоққа даллол буд,*
*Тӯй тӯйи калон буд,*
*Бисёр одам дар он буд,*
*Зоғак ҳадягир буд.*
*Булбул арӯсгир буд.*
*Арӯс дар фиғон буд,*
*Тағош меҳрубон буд,*
*Модараш гирён буд,*
*Хоҳараш ҳайрон буд.*

* * *

*Будро, набудро,*
*Калбузи кабудро,*
*Хӯрдани қурутро,*
*Тофтани бурутро.*

* * *

*Афсона сано буд,*
*Буз марди гадо буд,*
*Хар ғалтиду ҳанг зад,*
*Э, ин чӣ бало буд?!*

* * *

*Дар вақтҳои вақт буд,*
*Як хари карахт буд,*
*Боркаши ҷонсахт буд,*
*Охур аз дарахт буд.*

* * *

*Шақ-шақи зогон буд,*
*Ғорати богон буд.*
*Чиқ- чиқи гунҷишкон буд,*
*Ҳай-ҳайи кампирон буд.*

*Як хурма панир буд,*
*Як танӯр фатир буд.*
*Дар як коса дӯғ буд,*
*Ин ҳама дурӯғ буд.*

## БОЗИҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ МУРАББИЁН ВА ОМӮЗГОРОН ДАР МАШҒУЛИЯТ ВА ДАРС
(Ё БЕРУН АЗ ДАРС )

### АРҒУНЧАК

Наврӯз оғози фасли баҳор , айёми кишту кор аст. Наврӯзро бо шодию нишот пешвоз мегиранд. Ҳар навъ бозиҳо ташкил мекунанд. Дар рӯзҳои иди Наврӯз калонсолон барои духтарон дар шохҳои дарахтон арғунчак мебанданд. Онҳо навбат ба навбат мепаранд. Агар дар вақти арғунчакпарӣ нағз ҳаво гиранду аз шохи дарахт нишонае гирифта, ба дугонаҳояшон диҳанд, паи ҳам ду навбат мепаранд.

Арғунчакпарӣ сурудҳои худро дорад. Яке аз инҳо ин аст:

*Ҳаво, ҳаводор-е,*
*Барги сафедор-е.*
*Уштури қатор-е,*
*Сандуқи пурбор-е.*
*Ҳаво, ҳаводор-е,*
*Барги сафедор-е!*

Ё ки ин хел месароянд:

*Аргунчаку белинчак,*
*Ман духтари келинчак.*

*Келиннчак хамир кардаст,*
*Камтарак камӣ кардаст.*
*Ордакаш камӣ кардаст,*
*Ҳезумаш намӣ кардаст.*
*Бобом ба ҳезум рафтаст,*
*Аргамчина гум кардаст.*
*Аргамчин дар боги мо,*
*Боги мевадори мо!*

## МА, ГУЛ

Бачаҳо ғун шуда, шумурак гуфтанд:
**Луғат:** Ғун-зам

*Зогу кулогон,*
*Дар дашту ёбон.*
*Ту рафта орд без,*
*Ту шину ту хез!*

Ҳама як-як аз давра баромаданду Раҳмат танҳо монд ва сармир шуд.

Вй бачаҳоро паҳлӯи ҳам шинонд. Худаш дар аввали қатор нишасту ба тарафи росташ , ба Аҳмад нигариста гуфт:

- Ма, гул!
- Чӣ гул?

Гули шафтолу- гул! – ҷавоб дод Раҳмат.

- Ма, гул!

Чӣ гул!

Гули себ - гул!

Ҳар яке номи гулеро мекофт, вале гуфтаи рафиқонашонро такрор намекард. Навбати Қодир шуд. Қодир ба Собир гуфт:

- Ма, гул!
- Чӣ гул? –пурсид Собир.

Қодир дар ҷавоб:

- Гули шамшод - гул! - гуфт. Раҳмат аз ҷой хесту бозиро боздошт ва аз бозигарони дигар пурсид:

- Гули шамшодро кӣ дидааст?

- Мо надидаем! – гуфтанд бозингарон.

- Қодир бозиро бохт.

Сармир хоҳиш  намуд, ки Қодир суруде гӯяд ё бирақсад. Қодир суруде гуфту дар ҷояш нишаст.

Бозӣ аз нав сар шуд…

Эзоҳ: Дар бозӣ натанҳо писарон, балки духтарон ҳам иштирок мекунанд ва сармир ҳам таъин мешаванд.

## ЛЕЛАК-ЛЕЛАКИ БОҚӢ

Ҳашт нафар бачаҳо давра нишастанд ва бо амри Замира пойҳояшонро дар мобайн дароз карданд. Замира, ки сармир интихоб шуда буд, ба гуфтани суруди ин бозӣ шурӯъ кард:

*Лелак-лелаки боқӣ,*
*Дастам гулаки соқӣ.*
*Соқӣ ба бозор рафтаст,*
*Куррачасавор рафтаст.*
*Се уштури қазоқӣ,*

*Биниҳошон ямоқӣ,*
*Kaҷовабор рафтанд,*
*Дум-думаш қатор рафтанд.*
*Андар кашу мандар каш,*
*Як пою дастат каш!*

Замира суруд мегуфту ба пойҳои бозигарон бо ангушташ ишора мекард. Калимаи «каш» ба пои рости Ҳалима рост омад. Ҳалима пояшро ғундошта нишаст. Замира боз сурудро аз аввал гуфт. Ин дафъа поёнии суруд ба пои чапи Ҳалима рост омад. Ҳамин тавр бозигарон як-як пойҳояшонро аз давра кашида, чорзону нишастанд. Ҳамаи пойҳо, ки ғундошта шуданд, Замира ҳам чорзону нишаст. Акнун ҳама баробар зонуҳояшонро молида, се-чаҳор карат:

*Деворака кофтем,*
*Қунғузака ёфтем.*
*Кокулоша бофтем,*
*Паси пушт партофтем!*

- гуфтанд. Бо фармуди Замира бозигарон дастонашонро часпонида, лелакҳояшонро байни ҳам гузаронданд ва ба сари зонуҳои чапу рост ба навбат зада гуфтанд:

*Ин ҳандалак,*
*Ин тарбузак!*
*Ин зомуча,*
*Ин харбуза.*

**ЛУҒАТ**

**ЗОМУ** - дастанбӯй

**ЗОМУЧА** - харбузаи лӯндаи тезпазаки хушбӯй, ҳандалак.

Замира, ба Ҳалима, ки ҳар ду пояшро аз ҳама пеш аз давра кашида буд, фармуд, аз ҷой хезад. Вай оҳиста-оҳиста аз ҷой хест. Ҳар ду зонуяш «қирс»-«қирс» карда, садо баровард. Ҳамаи бачаҳо баробар:

- Ҳалима – булбул! Ҳалима – булбул! - гуфтанд.

Навбат ба Ҳамида расид. Ҳамида аз ҷой хест, як зонуяш садо баровард, дигараш не. Бозигарон ба вай нигариста:

-Ҳамида – кабкак! – Ҳамида – кабкак! - гуфтанд.

Ҳафиза аз ҷой хест. Ҳар ду зонуяш садо набаровард.

Бачаҳо ба вай гуфтанд:

- Ҳафиза зоғ! - Ҳафиза - зоғ!

Ҳафиза мувофиқи шарти бозӣ ва фармуди сармир ба рақс даромад. Ҳафиза мерақсиду бозигарони дигар каф зада месароиданд:

*Ҳафиза, пешу пушт рав,*
*Аз ҷо хезу арғушт рав!*

Сармир ҳамаи бозигаронро як-як аз ҷой мехезонд. Бозӣ давом мекард.

## СӮЗАНИ ТИЛЛО

Бозигарон ҳар чи қадар зиёд бошанд, бозӣ ҳамон қадар башавқ мегузарад. Бачаи бисёре ҷамъ шуд, Мавлуда шумурак гуфт:

*Як палак,*
*Ду палак,*
*Се ҷувол,*
*Ҳандалак.*

*Ту хурдӣ,*
*Ту бурдӣ,*
*Ту исто,*
*Ту баро!*

Ҳама як-як аз давра баромаданд. Малоҳат танҳо монд. Бачаҳо доира кашиданд. Дар миёна Малоҳатро шинонданд. Бо рӯймолча чашмашро бастанд. Малоҳат қиёфаи пиразанеро гирифта, бо ду даст атрофашро палмосид. Мавлуда аз ӯ пурсид:

- Бибӣ, чиятон гум шуд?

- Сӯзани тиллом гум шуд! – гуфту боз атрофашро палмосид. Боз бачаи дигар :

- Бибӣ, сӯзанро ман ёбам, чӣ медиҳед? – гӯён Малоҳат даст дароз кард.

Бозигар ба дасти вай як чӯбчаро партофту гурехт. Малоҳатбибӣ оташин шуду боз атрофашро палмосидан гирифт. Дар ин лаҳза дигарон ба сурудгӯӣ сар карданд:

*Бибӣ итоб кунад-е,*
*Ба мо итоб кунад-е,*
*Мӯл кофтукоб кунад-е,*
*Савғои бобо канӣ?*

Баъд Муҳаббат бачаҳоро хомӯш карду пурсид:

- Бибӣ, хонаатонро рӯбам?

Бибӣ розӣ шуд. Муҳаббат гирд-гирди Малоҳат дуқат шуда, тақлиби ҷойрӯбӣ карду оҳиста омада ба дастаи бачаҳо ҳамроҳ шуд. Бачаҳо бо овози баланд гуфтанд:

*Ҳо, ҷастаму ҳо, ҷастам,*
*Сӯзани тилло ба дастам.*

Бибӣ аз ҷой ҷаста хесту:

*Сӯзани тилло канӣ?*
*Савғои бобо канӣ?*

- гуфта бачагонро пеш кард. Бачагон аз ӯ дур шуданд. Аз кадом сӯ овоз барояд, бибӣ ҳамон тараф мерафт. Бачаҳо бошанд, суруди зайлро такроран мегуфтанд:

*Бибӣ, бибича-е,*
*Палаки зомуча-е,*
*Нуқранамакдон-е,*
*Сӯзани тилло-е,*
*Савғои бобо-е,*
*Канӣ дар дастаки кист?*
*Канӣ, дар ҷайбаки кист?*

Бачаҳо аз хати доира берун намебаромаданд. (Касе аз бачаҳо қадаме аз доира берун гузорад, «месӯзад», яъне аз бозӣ ронда мешавад). Малоҳати чашмбаста ҳам кӯшиш мекард, ки ягон бозигарро дар дохили доира дорад. Мабодо аз хат берун қадам монад, дигарон «алав», «ҷарӣ», «дарё» гуфта фарёд мекарданд. Малоҳат худро дарун мегирифт. Охир Сабоҳат ба дасти Малоҳат бархӯрд. Бачаҳо акнун чашми Сабоҳатро бастанд ва ӯро миёнаи доира шинонданд. Бозӣ аз нав сар шуд.

**Луғат:** палмосид- даст-даст кард.

# МО МАЛАНГЕМ

Дар ин бозӣ бояд бозигарон ҷуфт бошанд. Ду нафар сармир интихоб мешавад. Ин дафъа бачаҳо Ҳамиду Саидро хостанд ва ҷуфт-ҷуфт ёр даромада, ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд.

Сармирҳо «мушту шаппотӣ» карданд. Саид навбатдор шуд. Ёрони Ҳамид ҳама рӯ ба девор оварда, суруди зайлро замзама намуданд:

*Мо малангем,*
*Кӯчалангем,*
*Оби зам-зам,*
*Тири маҳкам,*
*Шер, гир!*

Саид дар сари марра истода, назорат мекард, ки ёрони Саид ба пушташон нигариста, кадом сӯ рафтани ёронашро набинанд. Ҳамаи ёронаш пинҳон шуданд. Баъд ба овози баланд:

-Тут пухт? –пухт? -гуфт.

Бачаҳо аз ҳар канор: - «Ҳа, пухт! -гӯён овоз бароварданд. Ёрони Ҳамид ба ҷусутуҷӯй рафтанд. Ҳар бозигар ҷуфти худашро меҷуст.

Саиду Ҳамид дар сари марра истода, рафти бозиро назорат мекарданд. Агар ёрони Ҳамид аз пиллаҷой дур раванд, Саид:

*Мо малангем,*
*Кӯчалангем,*
*Оби зам-зам,*
*Тири маҳкам,*
*Шер, пар!*

- мегуфт. Ё худ, хавфро ҳис кунад, дар охрири суруд «шер, напар!- ро илова мекард.

Ёрони Саид мекӯшиданд, ки чашми ҷуфташонро хато карда, ба пиллаҷой омада овоз бароранд. Бозигари ба пиллаҷой расида, дар паҳлуи сармираш меистод.

Ду-се нафар ёрони Ҳамид аз пиллаҷой дур нарафта, ҷуфташонро интизор шуданд. Саид ба онҳо нигариста:

- Дар сари пилла чӣ кардӣ? – гуфт. Онҳо оҳиста-оҳиста, аз сари пилла (марра) дур рафтанд.

Ҳамин тавр, дар охири бозӣ маълум шуд, ки ёрони Ҳамид аз даҳ ёри Саид ҳафт нафарашонро даст гирифта, ғолиби бозӣ ва соҳиби навбат гардидаанд.

## ҲАВЗАК - ҲАВЗАК

Калонсоле бачаро дар бағал гирифта, дасти рост ё чапи ӯро рӯйи кафаш мегузорад ва гирд-гирди кафи бача бо ангушти ишорат «хат» кашида:

*Ҳавзак – ҳавзак,*
*Гирдаш сабзак,* -

мегӯяд ва миёнаи кафро нишон дода, ба оҳанги фораму дилкаш месарояд:

*Ору омад, об хӯрд,*
*Оҳу омад, об хӯрд.*

Баъд аз лелача сар карда, ангуштони бачаро як-як дар рӯйи кафаш қат мекунад ва дар ин маврид сатрҳои зеринро мегӯяд:

*Ин гов кушад,*
*Ин пӯст канад,*
*Ин пазаду соз кунад,*
*Ин хӯраду ноз кунад.*
*Ин майдаяк куҷо буд,*
*Ки шӯрбо нарасид?!*

Бача аз ин бозӣ ба завқ меояд ва калонсол оҳиста-оҳиста ба нармӣ ӯро қитиқ карда:

*Чулулу,*
*Барги каду!*-

мегӯяд. Бача баланд механдад.

## ТАПАР-ТАПАР

Бачаҳо майли бозии «Тапар - тапар» карданду Ҳабибу Кабирро сармир хостанд. Ва худашон «ҷуфт-ҷуфт» ёр даромада, ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд. Ёрони Ҳабиб даҳ нафар, аз они Кабир ҳам - даҳ нафар.

Гурӯҳҳо 10-дувоздаҳ қадам аз ҳам дур саф кашиданд. Сармирон ёронашонро паҳлуи ҳам шинонданду ба ҳар яке ном монданд: гул, булбул, қумрӣ, барра, боғ, замин, осмон, ситора, дафтар, китоб…Ҳабиб ба ёронаш тезтар ном монду ба миёнаи майдон омада истод. Бо ҳамин навбати аввалро соҳиб шуд. Ду сармир ба бозӣ тайёр будани бозигаронро эълон карданд.

Ҳабиб ба назди гурӯҳи Кабир рафту чашми яке аз бозигаронро бо рӯмолча баст ва ба тарафи бозигарони гурӯҳи худаш нигариста, :

- Замин! - гуфт. «Замин» оҳиста-оҳиста омаду ба пешонаи бачаи чашмбаста ҳӯппоқ зад ва боз ба ҷои худ рафта нишаст. Нишасту ёронаш баробар ба замин даст зада суруди зеринро хонданд:

*Тапар-тапар сияҳқош,*
*Ба по омад аз Кӯктош,*
*Сӯзан шудаст асояш,*
*Ғалбер шудаст чоруқош.*
*Мо тапар-тапар кардем!*
*Номаша дигар кадем!*

То омада бозигарони ҳуппоқзадаро ёфтани бачаи чашмбаста ин сурудро такрор ба такрор гуфтанд.

Бозигар кӣ будани «замин»-ро аниқ карда натавонист. Бачаи дигарро нишон дод. Бачаҳо ӯро дар қатори худ шинонданд.

Боз давр ба Ҳабиб монд. Ин дафъа Хабиб «булбул»-ро даъват кард. Айнан ҳамон тарз бозӣ давом кард. Ва охир бачаи чашмбаста кӣ будани «булбул»-ро аниқ гуфт. «Булбул» ба гурӯҳи Кабир гузашт.

Акнун навбати Кабир расид. Кабир ҳам мисли Ҳабиб амал кард. Суруди бозиро ин дафъа бозигарони гурӯҳи Кабир гуфтанд.

Бозӣ то ҳамон даме давом кард, ки дар як гурӯҳ Кабир танҳо монд.

## ШАҲРБОЗӢ

Бачаҳо давра шуданд. Шарифа шумурак гуфт:

*Як калла,*
*Ду калла,*
*Гову гӯсфанд*
*Се гала!*
*Гурбаи шум*
*Кард тала,*
*Хари лаванд*
*Хӯрд хала.*
*Гови қашқа*
*Серфалла.*
*Хоки адир*
*Сергалла*
*Брав, пур кун*
*Ҷуволи галла!*

Ду бачаи дигар дар охири шумуракгӯӣ сардор мешаванд. Дигарон ҷуфт-ҷуфт шуда, ба ҳам пинҳонӣ ном мемонанд. Баъд даст ба гардани якдигар партофта, пеши сардор меоянд. Аз онҳо мепурсанд:

- *Ба кӣ себу ба кӣ ангур?*
- *Ба кӣ тору ба кӣ танбур?*
*Ба кӣ Кӯлоб, ба кӣ Хуҷанд?*
*Ба кӣ шакар, ба кӣ сарқанд?...*

Ҳамин тариқ, бачагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ва ба ду тарафи майдон рафта, қатор меистанд, ё мешинанд. Сардорон дар миёни ду гурӯҳ қарор мегиранд. Яке аз онҳо

сангчае дар мушт пинҳон мекунад. Агар сардори дигар сангчаро ёбад, навбатдор мешавад…

Ду сардор маслиҳат карданд, ки аз кадом шаҳр сар кунанд. Охир маслиҳаташон пухт. Сардори навбатдор ба ёронаш маслиҳат карда гуфт:

- Ёрон, ёрони мо!

Ёронаш :

- Лаббай, мирони мо!

Сардор:

- Сари ҳарфаш К.

Ҳама ба фикр мераванд. Ду сардор оҳиста-оҳиста аз як то даҳ шумурданд. Як бозигар:

- Мирон, мирони мо!

Сардор:

- Лаббай, ёрони мо!

- Ман ёфтам, Кӯлоб!

- Не, ғалат гуфтӣ.

Баъд сардори дуюм ба ёрони худаш ҳамон тарзе, ки сардори якум саволу ҷавоб карда буд, муроҷиат кард. Сардорон боз аз як то даҳ шумурданд. Бачае ба сардор муроҷиат карда буд, муроҷиат карда гуфт:

- Ман ёфтам, Киев!

Ҳар ду сардор розӣ шуданд. Яъне онҳо ҳамин шаҳрро дар назар доштаанд. Бозигарони тарафи ғолиб тозон ба сӯи бозигарони тарафи мағлуб рафтанд ва онҳо савор шуда, то ҷои худ омаданд.

Боз ду гурӯҳ дар ҷойҳои худ нишастанд ва сардорҳо шаҳрҳои П. (Париж), Д. (Душанбе), Л. Ленинобод (ҳозир Хуҷанд) , М. (Москва), С. (Самарқанд), Б. (Бухоро) ва монанди онҳоро гуфта, дониши бачаҳоро санҷиданд.

Агар бо ин бозӣ бачаҳои хурдсол машғул шаванд, онҳо ҳамдигарро намебардоранд, балки ғолибон бохтагонро мефармоянд, ки аз марраҷой то марраҷойи дигар «зу-у» гуфта даванд.

Дар охири бозӣ яке аз бачаҳо ба овози баланд мегӯяд:

- Дар таги поятон чӣ?

Ҳама якбора ҷавоб медиҳанд:

- Нахӯд!

Ҳамон бача:

- Ҳар кӣ хонаи худ! мегӯяд-ва бозигарон хона ба хона мераванд.

## БОЙЧЕЧАКБОЗӢ

Имрӯз офтоби баҳорӣ бачагонро ба бозиҷой барвақт овард. Қариб бист нафар ғун шуданд. Ҳама қарор доданд, ки бойчечакбозӣ кунанд. Наргису Лоларо сардор хостанд. Ду сардор дар ду сӯи бозиҷой истоданду баробар:

- Ёр ёри ман кӣ?! - гуфтанд.

Қисме аз бачаҳо ба сӯи Наргис давиданд. Қисми дигар ба тарафи Лола. Ҳамин тариқ, ду гурӯҳ шуданд. Наргису Лола сангча руст карданд.

Навбати аввал насиби гурӯҳи Лола шуд.

Ёрони Наргис ба канори бозиҷой рафтанду паҳлуи ҳамдигар, ҳар кадом дар дури се-чор қадам дар «хонаҳояшон» (шартӣ) нишастанд.

Лола бо дастаи «бойчечак» (шартӣ) дар пеши сафи ёронаш истод.

Дигарон ҳам дар даст яктоӣ «бойчечак» (шартӣ) гирифтанд. Бо ишораи Лола ба гуфтани суруди «Бойчечак» шӯруъ карданд:

*Бойчечаку бойчечак,*
*Гули хушрӯи химчак*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Бойчечак омад луччак,*
*Тамошо кун, келинчак,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Бойчечаки ҳисорӣ,*
*Танга тилло, ҷуворӣ,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Таги остона ғур-ғур,*
*Хонаи мо бо нон пур.*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Таги остона дутор,*

*Будем хумори баҳор,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Бӯи баҳор бойчечак,*
*Муждаи кор бойчечак,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Гули гулҳо бойчечак,*
*Тоҷи сарҳо бойчечак,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Бойчечак омад ба дар,*
*Эй хола, дорӣ хабар?*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Эй, холаи хонадор,*
*Ҳар чӣ мехоҳӣ, барор*!

Бачаҳо сурудгӯён оҳиста- оҳиста ба назди бозигарони дигар омаданд. Лола дастаи «бойчечак»-ро аввал ба Наргис дароз кард. Наргис гулро гирифта, ба чашму абрӯяш молид ва гуфт:

*Эй муждаи баҳор,*
*Қосиди киштукор,*
*Хуш омадӣ!*
*Ҳусни рӯят аз ман,*
*Тоза бӯят аз ман,*
*Хуш омадӣ!*

Баъд, «гулдаста»-ро баргардонид ва аз «хонааш» ба бачаҳои гулгардон мавизу донак, ғӯлунгу чормағз дод.

Ёрони Лола ба «ҳавлии» дигар сурудхонон рафтанд. Онҳоро соҳибхона монанди Наргис қабул кард ва тухфа бахшид. Ҳамин тариқ, ҳамаи «ҳавлиҳо»-ро давр заданд. Миёнаи бозиҷой омаданд. «Тухфа»-и аз гулгардонӣ ғун кардаашонро «хӯрданд» Бачаҳои гурӯҳи дигар ҳам омада ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Ҳама суруд хонданд, рақсиданд ва боз ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд. Ин дафъа ёрони Лола дар «хонаҳояшон» нишастанду бозигарони Наргис «Бойчечак» гуфтанд.

## БОҒУ БОҒБОН

Бачаҳо ду нафарро сармир хостанду худашон ду-ду ёр даромаданд.

Даҳ нафарӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд. Сармирҳо, як тарафи сафолпораеро тар карданд. Сармири якум:

- Обӣ, лалмӣ? – гуфт ва дар ҷавоб сармири дуюм:

- лалмӣ, - гуфта сафолпораро баланд партофт, тарафи хушкаш дар рӯ шуд. Сардори дуюм навбатдор шуд.

Бачаҳо дар масофаи даҳ - дувоздаҳ қадам ба муқобили ҳамдигар саф кашиданд ва дасти ҳамдигар гирифтанд. Сармири дуюм ба сармири якум рӯ оварда гуфт:

- Боғу боғбон!

Ҷони боғбон! – ҷавоб дод сардори якум.

Ангурако пухтанд?

- Ниму нимкола!

Аз мо кӣ равад?

- Латиф! – гуфт сардори якум.

Латиф дасти шариконашро сард доду ба шаст давид ва худро ба сафи бачагони тарафи муқобил зада, сафи онҳоро рахна карданӣ шуд, кӯшишаш натиҷа надод. Худаш мувофиқи шарти бозӣ ба тарафи ин гурӯҳ гузашт.

Саволу ҷавоби сармирон аз нав шӯруъ шуд. Акнун сармири якум ба сармири дуюм мурочиат кард:

- Боғу боғбон!

Ҷони боғбон!

- Ангурако пухтанд?

- Ниму нимкола!

- Аз мо кӣ равад?

- Қамар!

Қамар бо суръат давида, худро ба гурӯҳи дигар зад, ки дасти ду бача аз ҳам ҷудо шуда, сафашон ду ҳис шуд. Қамар ғолиб омад. Ӯ яке аз бачагонро ҳамроҳаш ба гурӯҳи худ овард.

Бозӣ ҳамин тавр то ҳамон лаҳзае давом кард, ки дар як гурӯҳ сармир ва як бозигар монд.

## АРРА, ТЕША

Ду бача муқобили ҳам нишаста, кафи пойҳояшонро ба кафи пойҳои шариконашон ҷафс мекунанд. Дасти ҳамдигарро мегиранд ва баробар мегӯянд:

*Арра,*
*Теша,*
*Моку,*
*Тамоку*!

Баробари «арра» гуфтан, бозигарон пою дасти росташонро ба тарафи худ мекашанд ва пою дасти чапашонро дароз мекунанд. Бо гуфтани «теша» ҳамаи ин ҳаракат аз пою дасти чап шуруъ мешавад.

## АБӮЛАКАМ

Бачаҳо давра нишастанд ва пойҳояшонро ба мобайн дароз карданд.

Холида ба бозигарон гуфт:

- Ман «Абӯлакам»-ро мегӯям. Калимаи «каш»-охирин ба пои кӣ рост ояд, ҳамон кас аз мобайн пояшро кашида, ғун карда мешинад:

*Абӯлакам,*
*Ду бӯлакам.*
*Лаби ҳавзи заргарон,*
*Мӯй дорем то миён,*
*Мӯи мо ишкели хон.*
*Хон ба мо чӣ медиҳад?*
*Як ғуломи ҳабашӣ.*
*Корди пӯлод чарх кашӣ,*
*Ҳабашӣ корд кашад,*
*Корди пӯлод кашад.*
*Андар каш,*
*Мандар каш,*
*Як поятро каш!*

Холида «Абӯлакам» мугуфту ба пойҳои бозигарон бо ангушташ ишора мекард. Калимаи «каш» ба пои рости Халил рост омад. Халил пои росташро кашид. Холида боз «Абӯлакам»-ро аз аввалаш гуфт. Ин дафъа суруд дар рӯи пои чапи Ҳанифа тамом шуд.

Ҳамин тавр, бозигарон як-як пойҳояшонро аз давра кашида, чорзону менишастанд. Дар охир Холида ҳам чорзону нишаст. Бо фармони Холида ҳамаи бозигарон баробар сари зонуҳояшонро молида, се-чаҳор

карат шумурак гуфтанд:

*Шутури қазоқ,*
*Собуни Ироқ,*
*Якта занам,*
*Пояш чӯлоқ!*

Холида лелаҳои дасташро байни ҳам гузаронда, мушт карда ва ба сари зонуҳои чапу рост ба навбат зада гуфт:

*Ин ҳандалак,*
*Ин тарбузак!*
*Ин зомуча,*
*Ин харбуза!*

Дигарон ҳама ба Холида тақлид (пайравӣ) карданд. Чанд дақиқа гузашт. Холида фармуд, ки бачаҳо ба навбат як-як аз ҷой хезанд. Дигарон бо диққат гӯш карда, муайян кунанд, ки зонуи кадом бозигар «қирс», «қирс» садо мебарорад.

Аз рӯи қоидаи бозӣ Халил , ки аз ҳама пеш пойҳояшро ғундошта менишаст, оҳиста аз ҷой хест. Ҳар ду зонуяш садо баровард. Хама шуниданд ва офарин гуфтанд. Навбати Ҳабиба расид. Ҳабиба оҳиста-оҳиста аз ҷой хест. Зонуҳояш садо набароварданд. Ӯ мувофиқи шарти бозӣ ё мерақсид ва ё суруде мегуфт. Ҳабиба суруд гуфт:

*Ҳо ҷастаму ҳо ҷастам,*
*Рӯмолчаба нон бастам.*
*Ани бибиҷон рафтам,*

*Гӯгирдаша гум кардам,*
*Аловаша пуф кардам.*

Ҳамин тариқ, ҳама як-як аз ҷой хестанд ва бозӣ шавқовар гузашт.

## ҶОГОҲ КУНЕ, ҶОГОҲ КУН

Бачаҳо ҷамъ шуданд ва яке шумурак гуфт:

*Аттораш,*
*Кӯлвораш.*
*Даструмоли*
*Гулдораш.*

Дар ҳар гуфтани шумурак як бозигар аз сафи бачаҳо берун рафт. Дар охир танҳо Мавлуда ва Асрор монданд. Барои ҳардуяшон боз шумурак гуфтанд. Калимаи «гулдораш» ба Асрор расид. Рӯмолчаро ба Мавлуда доданд.

Дигарон давра нишастанд ва байти зайлро такрор карданд:

*Ҷогоҳ куне, ҷогоҳ кун,*
*Нусратҷона огоҳ кун!*
*Ҷогоҳ куне, ҷогоҳ кун,*
*Нусратона огоҳ кун!*

Нусрат рӯмолча гирифта аз паси Мавлуда давид. Мавлуда ҳалқаи бозигаронро ду-се давр зада, ба пеши яке аз онҳо омада нишаст. Он бозигар зуд аз ҷо бархоста , дар атрофи давра давидан гирифт.

Нусрат тезтар давида, бо рӯмолча ба китфи он бозигар , ки Маҳмуд ном дошт, зад. Маҳмуд истод ва рӯмолчаро аз Нусрат гирифт. Нусрат дар ҷои аввалааш рафта нишаст. Бозӣ аз нав шӯруъ шуд.

## ХАРБУЗА ПУХТ?

«Харбуза пухт» бозии пиарбачаҳост. Аз бачагон ягон нафар «боғбон» ва дуюмӣ «саги посбон» ва дигарон харбузахӯр - меҳмон мешаванд.

Боғбон дар як гӯшаи бозиҷой «харбуза» мекорад. Каллапӯши бозигарон ё чанд сангро ҳар ҷо- ҳар ҷои «майдони кишт» мегузорад. Баъд ҳамроҳи «сагаш» ба гӯшаи полез рафта мешинад.

Ҳамин вақт аз марраҷой , ки дуриаш аз «полези харбуза» даҳ-понздаҳ қадам аст, бачаҳо ба сӯи «боғбон» ҳаракат мекунанд. Дар як гӯшаи майдони «харбуза» меистанд. Ва аз «боғбон» мепурсанд:

- Бобо, бобо!
- Ҷони бобо!
- Харбуза пухт?
- Нав замина гардондам.
- Бобо, бобо!
- Ҷони бобо!
- Харбуза пухт?
- Дина тухмаша коштам.
- Бобо, бобо!
-Ҷони бобо!
- Харбуза пухт?
- Акнун неш мезанад.
- Бобо, бобо?
- Ҷони бобо!
- Харбуза пухт?
- Нав дубарга шуд.
- Бобо, бобо?
- Ҷони бобо!
- Харбуза пухт?
- Нав чорпалак шуд.
- Бобо, бобо?
- Ҷони бобо!
- Харбуза пухт?
- Нав палак кард.
- Бобо, бобо?
- Ҷони бобо!
- Харбуза пухт!
- Акнун гул кард!
-Бобо, бобо!

- Ҷони бобо!

- Харбуза пухт?

- Нав сабча баст.

-  Бобо, бобо!

- Ҷони бобо!

- Харбуза пухт?

- Каллапӯш барин шуд!

-Бобо, бобо!

-Ҷони бобо!

- Харбуза пухт?

- Ҳа, бачам, харбуза пухт.

- мегӯяду худро ба «коре» овора мекунад. Бачаҳо оҳиста-оҳиста омада, «харбуза» мекананд, полезро вайрон мекунанд. «Саг» «ак-ак» карда сӯи «полез» медавад. «Боғбон» аз  думболи «саг» давида, харбузахӯрҳоро пеш мекунад. Агар то марраҷой расидан бозигаре дастгир шавад, ба ҷои «боғбон» дар сари «кишт» мешинад ва «боғбон» дар қатори бачаҳои дигар ба марраҷой мегузарад. Бозигари ба дасти «саг» афтода, «саг» мешавад.

Бозӣ аз нав шӯруъ мегардад.

## ПАРИД-ПАРИД

Бачагон дар лаби ҷӯй, болои майса давра нишастанд. Нодираи доно ва зирак сардор шуд.

- Мусича парид! – гуфт Нодира.

Ҳама дасти росташонро боло карданд.

- Сӯзанак парид!

- Ҳама даст бардоштанд. Ҳамин тавр «булбул парид», «»майна парид» гуфта  Нодира ба бачаҳо менигарад, ки ҳама ҳама бехато даст боло мекунанд.

Баъд гуфт:

- Гӯсфанд парид!

Касе даст набардошт. Боз:

- Лаклак парид! – гуфт, ки ҳама даст бардоштанд. Нодира боз чанд парандаро тез-тез ном гирифта, «парид-парид» гӯён даст бардоштагон ё набардоштагонро назорат мекард. Якбора ӯ:

- Гов парид! – гуфт. Насим дар ғафлат монда, даст бардошт. Нодира ва бозигарони дигар:

- Гов намепарад! – гӯён Насимро ба миёнаи давра даъват карданд. Насим дар байн рост истода, мувофиқи шарти бозӣ омодаи рақс шуд.

Бачаҳо сароиданд. Насим ба рақс даромад:

*Чӣ парид? Булбул парид,*
*Аз шохаҳои гул парид.*
*Аз чанор лаклак парид,*
*Навохта думбак парид.*
*Сӯзанак боло парид,*
*Лаб-лаби ҷӯйҳо парид.*
*Ҳар чӣ қанотдор, парид!*
*Дур-дуру бисёр парид?*

Суруд ба охир расиду Насим ҳам рақсро бас кард ва ба ҷои худ рафта нишаст. Бозӣ аз нав сар шуд.

## БОБО-БОБО

Бачагон дар назди Ҷалилино ҷамъ шуданд. Фозил асои бобокалонашро овард. Асоро диданду дар дили ҳама хоҳиши бозии «бобо-бобо» пайдо шуд. Ҷалил шумурак гуфт:

*Алон,*
*Долон*
*Хурду*
*Калон,*
*Лелак,*
*Шакар,*
*Гулдур,*
*Гуп!*

Калимаи «гуп»-и шумурак ба кадом бачае расид, ҳамон аз саф мебаромад. Дар охири шумуракгӯӣ Халил танҳо монд. Асоро ба дасти вай доданд. Халил асозанон роҳгардии пирамардонро тақлид карда мерафту дигарон

аз қафояш. Аз маррачой се-чор қадам дур шудан замон, ҳама баробар:

- Бобо-бобо! - гуфтанд.

- Ҷони бобо, - роҳравон ҷавоб дод Халил.

- Кучо меравед?

- Шахри Лаклакон!

- Дар кулворатон чӣ?

- Тӯшаю талқон!

- Ба кӣ мебаред?

- Ба бачаякон!

- Моро ҳам мебаред?

- Аз очатон пӯрсетон!

Бачаҳо камтар хомӯш истоданд ва боз ба «бобо» наздик рафта гуфтанд:

- Бобо-бобо!

- Ҷони бобо!

- Аз очаамон пурсидем, рухсат доданд.

- Ин тавр бошад, аз қафои ман омадан гиред, лекин шӯхӣ накунед, нахандед, аз калтакам тарсед.

- Хуб шудааст, бобоҷон, - гуфтанд бачаҳо.

Роҳравон бозигарон ҳар хел ҳаракат, имову ишораҳои хандаовар мекарданд, то ки рафиқонашон бихананд.

Фозил қоматашро хам карда, як дасташро ба пушташ бурда, роҳгардии «бобо»-ро тақлид кард, ки ҳама хандиданд.

«Бобо» асоро бардошта бачаҳоро пеш кард ва дар қариби маррачой Сатторро дошт. Акнун Саттор «бобо» шуду Халил ба ҷойи вай гузашт. Агар Халил ягон бачаро то маррачой дастгир намекард, боз худаш «бобо» мешуд.

## ПУФАКБОЗӢ

Бачагон дасти ҳамдигарро гирифта давра мешаванд. Як нафар «мураббия» шуда, пуфаке дар даст байни давра меистад ва пуфакро оҳиста-оҳиста дам мекунад. Бозигарон бо низоме дасти ҳамдигарро гирифта ба «мураббия» наздик мешаванд. Ва баъд оҳиста-оҳиста дур шуда,

давраро васеъ мекунанд. Дар вақти аз мураббия дур рафтан ба такрор мегӯянд:

- Пуфаки сурху кабуд,
- Гирдаку ғелон бишуд.

Вақте ки давраи бозигарон васеъ мешавад, «мураббия» оҳиста-оҳиста дами пуфакро сар медиҳад. Бозигарон дасти ҳамдигарро сар дода:

*Пуфаки сурху кабуд,*
*Гирдаку ғелон бишуд.*

- гуфта, оҳиста-оҳиста чапак зада, ба зону менишинанд.

«Мураббия» давраро гирд гашта, ба сари китфи ҳар бача даст мерасонад. Ҳама аз ҷой мехезанд, дасти ҳамдигарро мегиранд, давра мекунанд ва суруд мехонанд:

*Ҳой-ҳой, сарак-сарак,*
*Ман гардам аз ин сарак -*
*Харбузеки дар палак.*
*Ман гардам аз ин қошак -*
*Аз қошаки пайвастак.*
*Ман гардам аз ин чашмак -*
*Аз булӯраки серпашмак.*
*Ман гардам аз ин бинӣ -*
*Аз кӯзачаи чинӣ.*
*Ман гардам аз ин рӯяк -*
*Аз кулчаи хушрӯяк.*
*Ман гардам аз ин дандон -*
*Аз биринҷи Ҳиндустон.*
*Ман гардам аз ин дастак -*
*Ин дастаки пурғайрат.*
*Ман гардам аз ин пояк -*
*Мактаб раваду ояд.*
*Аз боло шамол омад,*
*Аз поин ғубор омад.*
*Тақ-тақаки дар бишуд,*

*Бобобахтиёр омад.*
*Чил аспа савор омад,*
*Хӯрҷин пури бор омад,*
*Қамчин думи мор омад.*
*Момо - Гулбаҳор омад,*
*Чун гули анор омад,*
*Монанди баҳор омад.*

## ГУРЕЗ, ПАРПО, УҚОБ ОМАД

Бачаҳо дар бозиҷой ҷамъ шуданд. Шарофат шумурак гуфт:

*Ба богаш богбон рафт,*
*Селаи зогон рафт,*
*Мири паҳлавон рафт,*
*Уштури корвон рафт.*
*Ҷав расиду тут пухт,*
*Кафи пои ту сӯхт!*

Ҳар бор, ки шумурак ба охир мерасид, як нафар бозигар аз давра берун мерафт. Вақте ки Хуршедаю Ҳалим дар охири шумуракгӯӣ танҳо монданд, Шарофат гуфт:

- Яке аз шумоён бояд «мурғ» ва дигаре «уқоб» шавад.

-Кӣ «мурғ» мешавад, кӣ «уқоб»?

- Ин шарти бозӣ ихтиёран иҷро нашуд. Шарофат сангчаеро дар кафаш пинҳон кард ва ба Хуршедаю Халим фаҳмонд:

- Дар кафи яке аз дастонам сангчае дорам. Касе аз шумо ҳамон сангчаро ёбад, «уқоб» мешавад, наёбад «мурғ» мешавад.

Шарофат ду дасташро мушт карда, пеши Хуршеда омад. Хуршеда ба дасти чапу рости Шарофат зеҳн монд-зеҳн монду охир:

- Сангча дар дасти ростат!-гуфт.

Шарофат дасти росташро кушод, ки сангча нест. Сангча дар кафи дасти чапаш будааст. Ҳамин тавр,

Хуршеда «мурғ» ва Ҳалим «уқоб» шуд. Бачаҳои дигар «чӯҷа» шуданд.

Мурғ бо «чӯҷаҳояш» дар канори чапи майдон «катаке» сохт (Қаду бараш се метр) . «Уқоб» ҳам дар канори рости бозиҷой барояш «лонае» дуруст кард.

Бозӣ бо ишораи Шарофат шӯруъ шуд. «Чӯҷаҳо» камар ё домани ҳамдигарро гирифта, аз паси «мурғ» ба донаю нонрезачинӣ мебароянд. Оҳиста-оҳиста ба гашти мурғу чӯҷа тақлид карда, майдони бозиро давр мезананд. Роҳравон суруд мехонанд:

*Боло-боло меравем,*
*Сайру тамошо меравем.*
*Резаи нона мечинем,*
*Донаи дона мечинем!*

Бо ишораи Шарофат «уқоб» аз лонааш мебарояд ва қанотҳояшро афшонда-афшонда пеши роҳи «мурғ» мебарояд ва мегӯяд:

*Ҳой мурғаки шил-шилапо,*
*Як чӯҷата бидеҳ ба мо!*

«Мурғ» дар ҷавоб:

- Ҳой уқоби бачадӯзди баднамуд, дина як ҷӯҷаи парпоямро дуздидӣ, бас набуд?!

«Уқоб» мегӯяд:

- *Парпоята ман бурдам,*
*Валекин ман нахӯрдам!*

«Мурғ» бадқаҳр шуда мегӯяд:

- Ту уқоби бадчангол, дурӯғ мегӯӣ! Агар парпоя нахӯрда бошӣ, канӣ вай?

«Уқоб» оромона ба «мурғ» мефаҳмонад:

- Парпоята дар лонаам мондаму то хонаи қассоб барои корд, ба хонаи баққол барои намак, ба хонаи ошпаз барои дег, ба хонаи ҳезумкаш барои ҳезум рафта омадам, ки гурехта рафтааст. Бенасиб шудам.

- «Уқоб суханашро тамом карда-накарда , якбора бадхашм мешавад, қанот меафшонад ва ба «чӯҷаҳо» дарфтода:

*Ҳой, мургаки шил-шилапо,*
*Як чӯҷата бидеҳ ба мо!*

Мегӯяд ба такрор.

«Мурғ»: «гурез, парпо, «уқоб» омад!» гӯён «чӯҷаҳоро» муҳофизат мекунад. «Уқоб» кӯшиш мекунад, ки чӯҷаи дар охири сад (монеа) истодаро ба чангол дарорад. Агар ба ин муваффақ шавад, чӯҷаро ба лонааш мебарад ва пас аз сонияе боз пайдо мешавад. Байни «уқобу» «мурғ» боз гуфтугӯ такрор меёбад. «Чӯҷаҳо» камар ё домани ҳамдигарро сар надода, худро муҳофизат мекунанд.

Шарофат дар мобайни майдон истода, рафти бозиро назорат мекард.

Бозигарон монда шаванд, мефармуд , ки «уқоб» дар «лонааш» ва «мурғу чӯҷаяконаш» дар «катакашон» дам гиранд.

Бозӣ то охирин чӯҷаро рабудани уқоб давом мекунад.

## ДУМ-ДУМИ НАЙЧАГИРАК

Бачаҳо давра гирифтанд. Шарифа шумурак гуфт:

*Аваку давак,*
*Гандуму ҷавак,*
*Ту сумбулако,*
*Ту булбулако,*
*Ту шину нарав,*
*Ту барою дав!*

Дар охири шумуракгӯӣ Мавзунаю Манзура монданд. Манзура «дугфурӯш» шуд. Манзура «очаи бачаҳо». «Дугфурӯш» ба як канори майдони бозӣ нишаст. Бачаҳои дигар паи ҳам қатор шуданд. «Очаашон» дар пеши қатор, миёни ҳамдигарро дошта, майдони бозиро давр зада ва суруди зеринро роҳравон хонданд:

*Дум-думи ночакам-е,*
*Оши полвончакам-е,*
*Ҷави навкӯфтакам-е,*
*Нони лавсӯхтакам-е!*

Баъд назди «дугфурӯш» омаданд. Манзура пурсид:

- Она , дугатон чанд пул?

- даҳ танга, духтарам, гир , дуги нағз, аз чӯби дарахти мевадор.

Ӯҳ, қимат будааст!- гуфт Манзура.

*Ӯҳ, дугаш, қимат будааст,*
*Оча беҳиммат будааст.*

- гӯён майдонро ду-се карат давр задаанду назди «дугфурӯш» омаданд. Манзура ба «дугфурӯш» гуфт:

- Оча, канӣ дугатонро бинам!

«Дугфурӯш» дугро дод. Манзура «оҳ, поякам сӯхт» гуфту хам шуда, дугро ба бачаи дар қафояш буда дод. Вай «оҳ, дастакам сӯхт» гуфту аз таги дасташ ба дигаре дароз кард. Дигараш «мӯякам сӯхт» гуфту аз болои сараш ба шарикаш дод. Ҳамин тавр, дуг то бачаи охирини қатор рафта расид.

«Дугфурӯш» дугашро талаб кард. Манзура бачаи дар қафояш бударо нишон дод. Вай бачаи сеюмро . Ҳамин тариқ, ишора то бачаи охирин рафт. Он бача гуфт, ки дуг дар дасти очааш.

Мавзуна боз пеши Манзура омаду гуфт:

- Дугамро деҳ!

- Оча, дугатонро бачаҳо гум кардаанд!

- Ба ҷои дуг бачаатро мегирам! - гуфт Мавзуна.

- Бачаи зиёдатӣ надорам. Яктоаш хонарӯбакам, яктоаш шоликӯбакам, яктоаш ошпазакам, яктоаш чойрезакам, яктоаш чойандозакам, яктоаш ҷойғундоракам, яктоаш бозордавакам, яктоаш мактабравакам…

«Дугфурӯш» тозон ба охири қатор рафта:

*Хонарӯбаката гирам!*
*Шоликӯбаката гирам!*

- гӯён ба бачаи охирин ҳуҷум кард. Бача рафиқи дар пешаш истодаро сар надода, худашро аз «дугфурӯш» дур гирифт. Очааш омада пеши «дугфурӯш» истод. «Дугфурӯш» хонарӯбаката гирам, шоликӯбакатро гирам мегуфту ҳуҷум мекард. Дар охир як бача ба чанголаш бархӯрд. Ӯро да як гӯшаи майдон – «хонааш» шинонду:

*Мактабраваката гирам,*
*Бозорраваката гирам!*

- гӯён боз ба қатори бозигарон дарафтод. Оҳиста-оҳиста ҳамаи бачаҳоро дастгир намуда, ба «хонааш» овард. Аз болояшон дарро занҷир кард. Боз чанд дуги дигар дар даст, тағйири либос карда, назди дугфурӯш омад?

- Она, дугҳои нӯгтезатон чанд пул? - гуфт.

- Ду танга, писарам, ду танга.

- Ҳӯ он ҷо, ҳамин хел дугро даҳ танга мефурӯшанд.

Ҳамин тавр? - гуфт дугфурӯшу он сӯи бозор давид. Манзура «дарро» кушоду «бачаҳояшро» дигар сӯ гирифта гурехт.

Бозӣ ба охир расид.

## ТЕЗГӮЯКҲО

### Тезгӯякҳо барои кӯдакони синни хурди томактабӣ

Мураббия тезгӯякро се маротиба худаш такроран мехонад ва кӯдакон ҳам дар пайравӣ бо ӯ тезгӯякро такрор мекунанд. Ин усули кор минбаъд ҳам истифода мегардад. То он вақте ки онҳо маҳорату малакаи зарурӣ пайдо накунанд ва шавқу завқашон ба тезгӯяк афзун нагардад.

Ин намуди бозӣ асосан барои дуруст ва рост намудани забони кӯдакон, ҳамчунин дар рушд ва инкишофи тафаккуру зеҳни онҳо низ мусоидат хоҳад кард.

Илова ба ин, кӯдакон тадриҷан ба мустақилона ва озод аз бар намудану гуфтани тезгӯякҳо маҳорат пайдо менамоянд.

*Шохи сада серсоя*
*
*Тик-тики соат,*
*Чик- чики гунҷишк.*
*
*Сад сар як сар,*
*Як сар дарди сар.*
*
*Шаш шиша сандуқ шикаст*
*
*Чавалай гала дора,*
*Ду байтали ала дора.*
*
*Сад ялалӣ як ялало.*
*
*Ирӯ чил тӯп чит,*
*Ӯрӯ чил тӯп чит.*
*
*Кулча дар сари кӯча,*
*Кӯлча пури моҳича.*
*
*Чокак чок гуфт,*
*Гунҷишк чик.*
*
*Бобом бодом овард,*
*Котиб китоб овард.*
*
*Гова дидам , оба хӯрдам,*
*Оба хӯрдам, гова дидам.*

**Тезгӯякҳо барои синфҳои 1- 2**

Тезгӯякҳои зайл нисбат ба тезгӯякҳои кӯдакони синни томактабӣ интихобшуда нисбатан душворталаффузанд.

Бо вуҷуди ин, онҳо низ дар зеҳну инкишофи тафаккури хурдсолон ба қадри ҳол мутмаинем, ки мусоидат карда метавонанд.

*Сангу сангча дар санглох.*

*

*Сад саг ба се саг як саду се саг.*

*

*Аспам лойолуд,*
*Ёли аспам лойолуд.*

*

*Ин тутча читу тутча,*
*Дар ҳавлича ду тутча.*

*

*Ман олу хӯрам, ту нок,*
*Ту нок хӯрӣ, ман олу.*

*

*Як мушт писта ба бист мушт писта.*

*

*Ин тешача чӣ тешача,*
*Ин пистача чӣ пистача?*

*

*Шамсиддин шаш шутур дошту сесаду ду саг.*

*

*Шаб се шамъ андар сарой рӯшноӣ кард.*

*

*Шаш шаршара дар дара,*
*Дар дара шаш шаршара.*

*

*Кафтар бача кард, бачаи кафтар бача кард.*

*

*Дар дасти бача кулча,*
*Дар дасти оча бача.*

**Тезгӯякҳо барои хонандагони синфҳои 3 - 4**

*Чалпак чалапу чалаб лабу лаб чали чалпак.*

*

*Панҷу ду панҷ понздаҳ чилучору шонздаҳ.*

*

*Харкафтар бача кард, бачаи харкафтар ҳафт харкафтар бача кард.*

*

*Чил тӯпи чити мо хуб аст?*
*Чил тӯп чити шумо?*
*Чил тӯп чити мо*
*Аз чил тӯпи чити шумо*
*Чил тӯпи чити мо хубтарак аст.*

*

*Аз як дара себ омад, аз дара сел.*

*

*Мо бист-бист дост доштем,*
*Шумо чанд бист-бист дост доштед?*

*

*Сармои сахт шиша шикаст,*
*Шохи шамшод шилшила баст.*

*

*Барги шалгам шапалоқ,*
*Бехи шалгам шумталоқ.*

*

*Шаст сада шинондем,*
*Шаст шамшод.*

*

*Ман кабка мепарронам ту кайка.*

*

*Як сол мо бист дост доштем.*

*

*Чумчуқ дар чумча об хӯрд.*

*

*Дар бозори Шаҳри Сабз кавши сабз шаш танга.*

*

*Шаб ба як шамшер сӣ сар шикаст.*

*

*Ба як мошон як коса ош,*
*Ба як мошон як коса мош.*

*

Як кали таҳи пал, як кал миёни кал, як кал болои пал, кали таҳи пал ба кали миёнаи пал гуфт, ки эй кали миёнаи пал, марзи мани кали таҳи палро намедиҳӣ?

*

*Мех чӯб, пила чӯб,*
*Пили пилон пила чӯб.*
*Боло дарӣ, поён дарӣ,*
*Зогу заган дагдага чӯб!*

*

Усто секинак болои тут баромаду чӯби тарматару аз нӯги тут бориктара тарошиду харошиду фаромад.

*

Чалпак чалабу чалаб лабу лабчалпак, як чалпаку ду чалпаку се чалпаку чор чалпаку панҷ чалпаку шаш чалпаку ҳафт чалпаку ҳашт чалпаку нӯҳ чалпаку даҳ чалпаку чалпак чалабу чалаб

лабу лабчалпак, даҳ чалпаку нӯҳ чалпаку ҳашт чалпаку ҳашт чалпаку ҳафт чалпаку шаш чалпаку панҷ чалпаку чор чалпаку се чалпаку ду чалпаку як чалпаку чалпак чалабу чалаб лабу лабчалпак.

## ЧИСТОНҲО

**Чистонҳо барои истифодабарии волидайн, мураббия, ва кӯдакони муассиисаҳои синни хурди томактабӣ**

Маънои чистон аслаш ба тариқи савол омада ба тарзи пӯшида ба шунаванда гуфта мешавад. Яъне он чист ё чӣ аст? Шахси шунаванда бояд аввал фикр кунад ва аломатҳои асосии он чиз ё ашёро дар шуураш ҷой диҳад ва баъд ба гӯяндаи чистон ҷавоб гардонад. Агар, мабодо, худаш ҷавоб нагардонад ҳам, ҳеҷ гап не, дигарон ҷавоби

чистонро меёбанд. Он вақт шахси ҷавоби чистонро наёфта, онро дар ёд ё хотираи худ гирифта нигоҳ медорад ва минбаъд дар зарурат ҷавоб хоҳад дод.

## ЧИСТОНҲО БАРОИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

*Гилеми калони ранга,*
*Дарунаш пури танга.*
***(Осмон ва ситораҳо)***

*Як чодари зангорӣ,*
*Шаб пур асту рӯз холӣ*
***(Осмон ва ситораҳо)***

*Хаймаи кабуди калон,*
*Бе сутуну девор овезон.*
***(Осмон)***

*Яктаяк фатир,*
*Хама олам сер.*
***(Офтоб)***

*Чароғи рӯйи равзан,*
*Гаҳ торику гаҳ равшан.*
***(Моҳ)***

*Шаб пур бошад, нур резад,*
*Рӯз, ки шуд мегурезад.*
***(Ситора)***

*Уштури гардандароз,*
*Меравад дуру дароз.*
***(Абр)***

*Хари Ҳасан занг зад,*
*Замину замон ранг зад.*
***(Раъду барқ)***

*Дар тори бед,*
*Тухми сафед.*
***(Барф)***

*Аз ин ҷо то Ҳисор,*
*Меравад қатор-қатор.*
***(Мӯрчаҳо)***

*Як хонаи танида,*
*Ӯро ҳама харида.*

***(Пилла)***

*Паҳмаки бамазза,*
*Дар тирамоҳ мепаза.*

***(Дулона)***

*Лоларухак,*
*Агбаҷаҳак.*

***(Кабк)***

*Хун дораду ҷон надорад.*

***(Шоҳтут)***

*Худаш як ваҷаб,*
*Ришаш даҳ ваҷаб.*

***(Ҷуворӣ)***

*Як тоқча пури мехча.*

***(Даҳон)***

*Лаблаби ҷар,*
*Химчаи тар.*

***(Мижа)***

*Ин сӯ арра,*
*Он сӯ арра,*
*Миёна гӯшти барра.*

***(Даҳон, забон, дандон)***

*Як суфача панҷ бибича.*

***(Дасту панҷа)***

*Дар даруни дара,*
*Овозаки барра.*

***(Гандумбиён)***

*Тоқчаи рӯфта,*
*Моҳаки хуфта.*

***(Ҷургот)***

*Рӯз пур, шаб холӣ.*

***(Пойафзол)***

*Аз одам баланд, аз мург паст.*

***(Тоқӣ)***

*Худаш якта,*

*Чашмаш садта.*

***(Ғалбер)***

*Шаб ходим,*
*Рӯз оим.*

***(Кӯрпа)***

*Дар як хонача,*
*Шаст ходача.*

***(Гӯгирд)***

*Шуғ буд, луғ буд,*
*Нӯгакаш тунук буд.*

***(Сӯзан)***

*Ду оча,*
*Чил бача.*

***(Норбон)***

*Дум дораду гӯш надорад,*
*Бок аз тару хушк надорад.*

***(Табар, теша)***

***ЛУҒАТ:***
*Шуғ- афсона*
*Бок – тарс, бим*

## ЧИСТОНҲО БАРОИ СИНФҲОИ 1 - 2

*-Ҳасан яке сафар кард,*
*Сад қишлоқа хабар кард.*

***(Заминҷунбӣ)***

*Қолини сафед дорем,*
*Афшонда наметонем.*
*Тиллои зиёд дорем,*
*Шумурда наметонем.*

***(Осмон ва ситораҳо)***

*Меравад, меравад, ба ақибаш*
*ҳаргиз нигоҳнамекунад.*

***(Дарё)***

*Шатар-шутур беором,*
*Шӯлапазӣ рӯи бом.*

***(Борон)***

*Теша задам, табар задам,*
*Парида Ҳиндустон рафт.*

***(Ях)***

*Аз зин пасту аз кӯҳ баланд.*

***(Роҳ)***

*Аз ин ҷо то мадина,*
*Тинг - тинги дона-дона.*

***Луғат**:*
*Мадина - номи шаҳрест дар Арабистон.*

*Як табақ пури анор,*
*Мард боши бубардор.*

***(Оташ)***

*Худаш калта, мӯяш дароз.*

***(Мӯрӣ ва дуди он)***

*Ҳавзи қул-қулум,*
*Почадарози калтадум.*

***(Шутур)***

*Охурчаи пастак,*
*Хӯтукчаи мастак.*

***(Муш)***

*Пастак занако,*
*Пасту баландак занако.*
*Пӯпак сари кифт,*
*Кӯчадавак занако.*

***(Мург)***

*Нохунаш чун нохуни шеру паланг,*
*Тоҷи шоҳӣ бар сараш ҳангоми ҷанг.*

***(Хурӯс)***

*Чист он луъбати писандида,*
*Атласи ранг-ранг пӯшида?*

***(Товус)***

*Аз кӯҳ баромад ақарангу тақаранг,*
*Ба почаҳояш мӯзаҳои сурхранг,*
*Пушида ба тан ҷомаи ҳафтранг.*

***(Кабк)***

*Меравад ҳуштоҳушт,*
*Дастҳо паси пушт.*
*Ғунҷад ба як мушт,*
*Нозаш мана кушт.*

***(Малах)***

*Биёяд лик-лик,*
*Равад лик-лик.*
*Тамошо лик-лик,*
*Ҳамеша лик-лик.*

***(Сӯзанак)***

*Рафтам саҳро,*
*Ёфтам гиёҳ,*
*Пӯсташ сафед,*
*Мағзаш сиёҳ.*

***(Сияҳгӯш)***

*Зар малах, зарпо малах,*
*Аз кӯҳ парид кунду карахт.*

***(Дулона)***

*Ман дар сари сабад, ман ҷингиламӯй,*
*Ман нозуки оламам, ҷавоби мана гӯй.*

***(Гул)***

*Дегчаи пурҷаза,*
*Ошакаш бомазза.*

***(Чормағз)***

*Так табақ, рӯ табақ,*
*Миён фатири бенамак.*

***(Чормағз)***

*Очааш каҷу килеб,*
*Бачааш ширу шакар.*

***(Току ангур)***

*Пак-пакана қад дорад,*
*Ҷома чил қабат дорад.*

***(Карам)***

## ЧИСТОНҲО БАРОИ СИНФҲОИ 3 - 4

*Қолини калон дорем,*
*Афшонда наметавонем.*
*Тиллои бисёр дорем,*
*Шумурда наметавонем.*

***(Осмон ва ситораҳо)***

*Дар шаби тор нисфи фатиру*
*атрофаш ситоразор.*

***(Моҳи нопурра ва ситоразор)***

*Модараш качу килеб,*
*Падараш йӯргабидав,*
*Духтаракаш бозигар,*
*Писаракаш овозхон.*

***(Ҷӯй, мавҷи об, моҳӣ ва қурбоққа)***

*Чист он бесояву бедаст,*
*Аз кӯҳ баланд, аз алаф паст.*

***(Роҳ)***

*Як дарахти пур аз гул,*
*Чор барг, сесаду шасту шаш гул.*

***(Сол, фаслҳои сол, рӯзҳо)***

*Аз ин дара овоз омад,*
*Аз он дара овоз омад,*
*Рӯбоҳи думдароз омад,*
*Бо сад фиғон дартоз омад.*

***(Сел)***

*Дуто дорад осмонкӯб,*
*Дуто дорад заминрӯб,*
*Чорто дорад рӯғанӣ,*
*Чорто дорад заминкӯб.*

***(Модагов)***

*Аз дур дидам як бутта,*
*Пешаш рафтам, сад бутта.*

***(Думи асп)***

*Як порча санги қаҳрабо,*
*Не дар замин, не дар ҳаво.*

***(Думбаи гӯсфанд)***

*Аз кӯҳ баромад мири ганда,*
*Сар то қадамаш ҷомаи ҷанда.*

***(Шер)***

*Даҳон дораду забон надорад,*
*Садто бизанӣ, фиғон надорад.*

***(Моҳӣ)***

*Тагаш сангу санг нест,*
*Болош сангу санг нест.*
*Чор по дорад, гов нест,*
*Морсару гов нест*

***(Сангпушт)***

*Тагаш карбос,*
*Рӯяш алқос,*
*Думаш қайчӣ,*
*Забон қайчӣ.*

***(Фароштурук)***

***Луғат:***
*Алқос-рахшанда, ҷилодор.*

*Омаданаш тир барин,*
*Шиштанаш мир барин,*
*Сафедиаш шир барин,*
*Сиёҳиаш нил барин.*

***(Акка)***

*Аз кӯҳ баромад мири фаш-фаш,*
*Дар сар кулоҳ ҷома мунаққаш.*

***(Шонасарак)***

***ЛУҒАТ:***
*Мунаққаш-нақшин, пурнақшу нигор.*
*Кимсон- чарми навъаш аъло.*

*Аз қассоб ошно дорад,*
*Ба баққол равуо дорад,*
*Чил бача- ба чил чумча,*
*Чил чумча- ба чил нахӯд.*

***(Орухона)***

*Аз шах афтад, намешиканад,*
*Ба тир занед, намерасад.*

***(Мӯр)***

*Таг-таги долон меравад,*
*Рӯдакашолон меравад.*

***(Тортанак)***

*Чист он, чист он, меравад Ҳиндустон,*
*Бо аспи сиёҳу мӯзаҳои кимсон?*

***(Гамбусак)***

*Аз кӯҳ омад чу масте*
*Шохчаи гул ба дасте*
*Мегиряду менолад:*
*«Вой, кифтакам шикастӣ!»*

***(Ревоҷ)***

*Сӣ сандуқ*
*Сила сандуқ,*
*Ҳама сандуқ*
*Ба як сандуқ.*

***(Пиёз)***

*Амакам даруни хок,*
*Ришашон беруни хок.*

***(Шалғам ё сабзӣ)***

*Замин заранг аст,*
*Пистоқиранг аст,*
*Ҳар кас наёбад,*
*Марди гаранг аст.*

***(Бодиринг)***

*Сандуқчаи зарбандӣ,*
*Аз боло камарбандӣ.*
*Ҳай-ҳай дилам мебарад,*
*Дарунаш шакарбандӣ.*

***(Харбуза)***

*Гирд аст гумбазе,*
*Гирдмагирд аст гумбазе,*
*Дона ҳазор аст гумбазе,*
*Дона ҳазор аст гумбазе.*

***(Тарбуз)***

*Гирд аст кӯзача,*
*Гирдомагирд аст кӯзача.*
*Донаҳазор аст кӯзача,*
*Кунгурадор аст кӯзача.*

***(Анор)***

*Зард асту зардолу не,*
*Сурх асту шафтолу не.*
*Дар боги амирон аст,*
*Хӯроки вазирон аст.*

***(Турунҷ)***

***Лугат:***

*Турунҷ-меваи ба афлесун монанд.*
*Ревоҷ-чукрӣ.*

*Гирдгирдаш найзаҳо,*
*Дарунаш пури тилло.*

***(Хӯшаи гандум)***

*Он чист, ки чор хона дорад,*
*Андар сари хеш шона дорад,*
*Барф аст миёни хонаҳо пур,*
*Ин турфа барф, ки дона дорад.*

***(Пахта)***

*Яке гору ду навшор,*
*Дуи дигар думи мор.*
*Ду хонаи занбӯрон,*
*Як ҷангали Хуҷистон.*

***(Даҳон, бинӣ, абрӯ, гӯш, сар)***

*Як ҷуфт кабӯтари алоянд,*
*Ҷуфтанд, зи ҳамдигар ҷудоянд.*
*Парвоз кунанд рӯи олам,*
*Аз хонаашон бурун наоянд.*

***(Чашм)***

*Ин сӯ арра,*
*Он сӯ арра,*
*Миёна гӯшти бара.*

***(Даҳон, дандон, забон)***

*Бибии сафеди болаззат,*
*Чорта нададӣ аз ҷаззат,*

*Муште занам ба хирманат,*
*Фардо, ки хирманат пазад.*

**(Равғани думба ва палав)**

*Ҷилди ман, лаззати ман,*
*Меҳмонгусел, иззати ман.*

**(Тушбера)**

*Алишишаю балишиша,*
*Ду рӯған ба як шиша.*

**(Тухм)**

*Рӯз ҳалак-ҳалак,*
*Шаб даҳанялак.*

**(Пойафзол)**

*Аҷоиб луъбате дидам,*
*Ба қаддаш ҷома буридам,*
*Ба сумаш наъли пӯлодӣ,*
*Даҳан аз фарқи сар дидам.*

**(Мӯза)**

*Ин сӯ равам, мезанӣ,*
*Он сӯ равам, мезанӣ.*
*Гардакама мехӯрӣ,*
*Маро чаро мезанӣ?*

**(Элаку орд)**

*Аз боми пастак орд мерезад.*

**(Элак)**

*Зоғчаи сиёҳаки мо,*
*Хонанигоҳдораки мо.*

**(Қулф ё қуфл)**

*Боло шикоф,*
*Поён шикоф,*
*Дар миён обу алов.*

**(Самовор)**

*Аҷоиб сурате дидам, ки шаш пову ду сум дорад,*
*Аҷоибтар аз он дидам, миёни кифт дум дорад.*

**(Тарозуи дастӣ)**

*Сар даруни об,*
*Дум беруни об.*

**(Кафлес)**

*Чист он ходими камарбаста,*
*Як тан асту ҳазор сар дорад.*
*Ҳар кӣ ӯро барад бар хонаи хеш,*
*Хоки пояш ба дида бардорад.*

***(Ҷорӯб)***

*Сар-сари девор меравад,*
*Рӯдакашолон меравад.*

***(Сӯзану ришта)***

*Аз асп баланд, аз охур паст.*

***(Зин)***

*Чун осиё гардиданаш,*
*Чун аждаҳо гурриданаш,*
*Оҳанхӯру оташфишон,*
*Мори сиёҳ бар гарданаш.*

***(Чархи кордтезкунӣ)***

*Аҷоиб луъбате хушкор бошад,*
*На онро хобу на бедор бошад.*
*Гуле дорам, ки он бехор бошад,*
*На дар дашту на дар кӯҳсор бошад.*

***(Илм)***

*Як порча замин доштам,*
*Тухми сиёҳ коштам.*
*Бо чашми худ бидидам,*
*Бо ақли худ шинохтам.*

***(Китоб)***

*Чист он, ки аз забон нишон гирад,*
*Гарданаш дасти хусравон гирад.*
*Хар киро сар зананд, ҷон бидҳад,*
*Чун сари он зананд, ҷон гирад?*

***(Қалам)***

*Уштур қуланги бедум,*
*На ҷав хӯрад на гандум.*
*Об хӯрад зи дарё,*
*Бор кашад ба мардум.*

***(Қатора)***

*Аспе дорам ҷафокаш,*
*Обу равган хӯрокаш.*

*Ҷаву алаф нахӯрад,*
*Набошад ҳеҷ озораш.*
***(Автомобил)***
*Худаш оҳан, дилаш об,*
*Аз обаш оташ борад.*
*Меҳнати ӯ беҳисоб,*
*Тиллои сафед орад.*
***(Трактор)***
*Паҳлавони тездандон,*
*Чормех истад дар майдон.*
*Заминро кобад чаққон,*
*Бор бардорад он чунон,*
*Мардум бимонад ҳайрон.*
***(Экскаватор)***
*Дидам мурғи оҳанин,*
*Панҷаҳояш аз резин,*
*Ҷон надорад, мепарад,*
*Мехӯрад обу бензин.*
***(Самолёт)***
*Дар дунё ҳама чиз ҳасту чор чиз нест?*
*Ҷавоб:*
- *Осмон сутун надорад,*
*Ҳавз сарпӯш надорад,*
*Мурғ шир надорад.*
*Кӯрпа остин надорад.*

**АДАБИЁТ:**

Тазкираи адабиёти бачагон, ҷилди 4, нашриёти «Маориф», Мураттибон: Раҷаб Амонов, Баҳром Шермуҳаммадов, Душанбе 1982.

## МУНДАРИЧА


**Пешгуфтор………………………………………. 3**
**Барои волидайн, мураббӣ ва омӯзгор……… 3**
**Суруду таронаҳо……………………………… 8**
**Бозӣ бо шеъру шумурак……………………… 13**
**Чистон……………………………………….. 13**
**Хулосаи жанри афсона………………………. 19**
**Афсонаҳо ……………………………………... 25**
**Гунҷишкак……………………………………. 25**
**Гурги нодон…………………………………… 27**
**Мурғи зирак…………………………………... 29**
**Рӯбоҳ ва паланг……………………………… 30**
**Лаклак-табиб…………………………………. 31**
**Харгӯшаки шердил ………………………….. 32**
**Афсонаи ҳаҷвӣ……………………………….. 33**
**Суруду таронаҳо……………………………… 37**
**Синфи 1……………………………………….. 42**
**Синфи2………………………………………… 45**
**Синфи 3……………………………………….... 48**
**Синфи 4……………………………………….. 53**
**Сарафсонаҳо………………………………….. 58**



Ба чоп 12.04.2016 иҷозат дода шуд.
Коғази офсетӣ. Адади нашр 100 нусха
Нашриёти «Сифат»
Душанбе, 2016